ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ
АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ
ТОҶИКИСТОН

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 378:351.746 (575-3)**
**ТКБ: 74 57 +68.68**
**Ф – 82**



**ФОЗИЛЗОДА ШЕРАФКАН ОРЗУ**

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ИҶТИМОИШАВИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**(дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

## АВТОРЕФЕРАТИ

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси
5.3.9. Назария ва методикаи
ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ
(педагогикаи иҷтимоӣ)**

**ДУШАНБЕ – 2026**

Диссертатсия дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳия гардидааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Котибова Шарифамоҳ Пирмаҳмадовна** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии таҳсилоти ақаллиятҳои миллии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров |
| | **Неъматов Рамазон Ҳуснидинович** - номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи методикаи тасилоти ибтидоӣ, педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт |
| **Муассисаи пешбар:** | **Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** |

Ҳимояи диссертатсия санаи «05» июни соли 2026, соати 15:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 11/2, e-mail: sharifa.kotibova@mail.ru; тел.: 2276246; 55 999 31 20) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхона ва сомонаи шурои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (https://shurodis-prmatt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «04» майи соли 2026 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.п., дотсент** **Котибова Ш.П.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Истиқлолият ва соҳибихтиёрӣ заминаи ҳуқуқӣ ва мутамаддинро барои татбиқи амалҳои тағйири моликият ва миқдор дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла маориф фароҳам меорад. Дар ин замина мавқеъ ва вазифаи низоми таълими муосир афзуда, он ҳамчун муайянкунандаи тадбирҳои дигаргунсозии ҷомеа ва рушди муҳимми қудрат ва амнияти иқтисодии миллат ва давлат мебошад.

Иҷтимоишавии ҷавонон дар ҷумлаи мушкилоти педагогӣ мавқеи муҳим дошта, яке аз масъалаҳои ташвишовару ҳалталаб ба шумор меравад ва дурнамои рушди муассисаҳои таҳсилоти олиро муайян мекунад.

Ташаккули шахсият дар давраи дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти ҷомеа падидаи нави таълим, навсозии мундариҷаи таълиму тарбия, таҳияи технологияҳои инноватсионии ҷомеаи шаҳрвандиро тақозо мекунад.

Самт, мақсад, хусусияти амалигардонии ҷараёни иҷтимоишавии донишҷӯён, ташаккули онҳо ҳамчун субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди касбӣ ба хусусиятҳои сифатии пешомадҳои тараққиёти ҷомеаи муосир бештар таъсир мерасонад.

Барномаи  пешрафтаи низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати давлатӣ бартарии хос дорад. Тадбирҳо барои таҳсилоти босифат, низоми ягонаи ҳамгироии таҳсилот дар ҷаҳон, таъмини эҳтиёҷот ва талаботи инсон ба таҳсилот, санъати давомдор ва донишҳои шахсӣ заруранд.

Дар солҳои охир раванди ислоҳоти соҳаи маориф, навсозии низоми таҳсилоти олии касбӣ ва такмили асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас фаъол гардидааст. Дар ин замина як қатор санадҳои калидӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаҳои таҳсилоти олӣ» (2009), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон" (2021), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» (2022), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи оиннома ва сохторҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2014),  Консепсияи мактаби миллӣ дар Ҷумҳурии  Тоҷикистон (2002), Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2006), Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2006), Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022" (2018), Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2030 (2020) қабул ва татбиқ гардидаанд.

Ин маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ сиёсати давлатро дар соҳаи таҳсилот, тарбия ва рушди иҷтимоии ҷавонон муайян намуда, заминаи институтсионалӣ ва арзишии ташаккули шахсияти муосири шаҳрвандро фароҳам месозад. Дар ин раванд таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳкими пояҳои маорифи миллӣ, рушди модели мутобиқ ба талаботи ҷомеаи муосир ва ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ-таърихии миллати тоҷик равона гардидааст.

Такмили санадҳои меъёрӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои давлатии таҳсилот ва такя ба равишҳои муосири педагогӣ ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, рушди неруи инсонӣ ва мутобиқшавии низоми маориф ба талаботи ҷаҳонишавӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, ин равандҳо ҳамчун заминаи методологӣ барои густариши ҳамкории маърифатӣ байни миллатҳо ва воридшавии маорифи миллӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти байналмилалӣ аҳамияти муҳим доранд.

Моҳияти равиши нави консептуалӣ дар он ифода меёбад, ки фаъолияти маърифатӣ на танҳо ҳамчун ҷараёни азхудкунии иттилоот, балки ҳамчун сифати устувори фаъолияти донишҷӯ дар муносибат ба мундариҷа, шакл ва раванди таълим баррасӣ мегардад. Дар ин равиш донишҷӯ ҳамчун субъекти фаъоли раванди таълим баромад мекунад, ки қобилияти истифодаи дониш, усулҳои фаъолият ва таҷрибаи маърифатиро дар вазъиятҳои гуногун доро буда, кӯшиши худро ба фаъолияти мустақилона, худидоракунӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои таълимӣ ва касбӣ сафарбар месозад. Фаъолияти маърифатӣ дар ин замина ҳамчун нишондиҳандаи сатҳи инкишофи зеҳнӣ, иҷтимоӣ ва касбии донишҷӯ баррасӣ шуда, бо ташаккули ангезаҳо, худшиносӣ ва масъулияти иҷтимоии ӯ зич алоқаманд аст.

Аз ин рӯ, ҷорӣ намудани шаклҳо, усулҳо ва технологияҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълим ва иҷтимоишавии донишҷӯён аҳамияти хос пайдо мекунад, зеро онҳо имконият медиҳанд фаъолияти маърифатӣ фаъол гардонида шуда, донишҷӯён ба иштирокчиёни фаъол, масъул ва худфаъол дар раванди таълим табдил ёбанд. Маҳз ҳамин зарурати мутобиқсозии муҳити таълимӣ ба талаботи рушди шахсияти муосир аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мазкурро муайян менамояд.

Иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои калидии педагогикаи муосир таваҷҷуҳи доираи васеи олимон, методистон, омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимиро ба худ ҷалб намудааст. Пешрафти назариявӣ ва самаранокии татбиқи амалии ин раванд аз хусусиятҳои муҳити донишгоҳӣ, мавқеи фанҳои таълимӣ, сатҳи касбии ҳайати омӯзгорон, шаклҳои ташкили раванди таълим ва системаи тарбиявӣ вобастагии мустақим дорад. Натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ ва таҳлили назариявӣ нишон медиҳанд, ки принсипҳои ташкили фаъолияти маърифатӣ ва иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дорои хусусиятҳои хос мебошанд, ки онҳоро аз принсипҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фарқ мекунанд. Ин хусусиятҳо бо сатҳи баланди мустақилият, худидоракунӣ, ангезаҳои касбӣ ва масъулияти иҷтимоии донишҷӯён алоқаманд буда, талаб менамоянд, ки равишҳои педагогӣ мутобиқ ба ин вижагиҳо тарҳрезӣ ва татбиқ гарданд.

Бо назардошти талаботи рӯзафзуни ҷомеаи муосир, зарурати таъмини суботи иҷтимоӣ, ҳамбастагии шаҳрвандӣ ва рушди устувори кишвар, муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд ба тарбияи шахсиятҳои ҳамаҷониба рушдёфта ва иҷтимоан масъул равона карда шаванд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии босуръати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ танҳо

соҳиб будани донишу малакаҳои касбӣ барои муваффақияти шахсият ва ҷомеа кофӣ нест. Донишҷӯён бояд дорои сифатҳои иҷтимоӣ, фарҳанги шаҳрвандӣ, масъулиятшиносӣ, қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбанда ва омодагӣ ба иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ бошанд.

Дар ин замина, раванди таълим ва тарбия бояд ҳамчун низоми ягона ва ҳамгиро баррасӣ гардад, ки на танҳо интиқоли дониш, балки ташаккули арзишҳо, меъёрҳои рафтор ва таҷрибаи иҷтимоии донишҷӯёнро низ таъмин менамояд. Иштироки фаъолонаи донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ, ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва ихтиёрӣ шароити мусоид барои ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ, худшиносӣ ва масъулияти иҷтимоиро фароҳам меорад. Муҳим аст, ки донишҷӯён на танҳо қабулкунандаи иттилоот бошанд, балки ҳамчун субъектҳои фаъол таҷрибаи шаҳрвандӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоиро дар муҳити донишгоҳӣ мустақилона аз худ намоянд, ки ин дар оянда заминаи иштироки босамар ва масъулонаи онҳо дар ҳаёти ҷомеа мегардад.

Донишгоҳҳо ҳамчун ниҳодҳои муҳими иҷтимоӣ вазифадоранд мутахассисонеро тайёр намоянд, ки на танҳо дар бозори меҳнат рақобатпазир бошанд, балки ба эҳтиёҷоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон низ ҷавобгӯ гарданд. Иҷрои ин вазифа танҳо дар сурате имконпазир аст, ки раванди таълим дорои мазмуни иҷтимоии амиқ, самтгирии арзишӣ ва равишҳои муосири педагогӣ бошад. Муҳити донишгоҳӣ бояд ҳамчун фазои рушди шахсият, муоширати иҷтимоӣ ва ташаккули масъулияти шаҳрвандӣ созмон дода шавад, ки дар он эътимод, ҳамкорӣ ва худидоракунӣ ҷойгоҳи асосӣ доранд.

Бо ин мақсад, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд дар баробари интиқоли донишҳои назариявӣ ва омода намудани мутахассисони касбӣ, механизмҳои самараноки иҷтимоисозии донишҷӯёнро низ таҳия ва татбиқ намоянд. Иҷтимоисозӣ ҳамчун раванди азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ, меъёрҳои рафтор ва арзишҳои ҷомеа баррасӣ гардида, талаб мекунад, ки донишҷӯён дар ҷараёни таҳсил на танҳо фанҳои тахассусиро омӯзанд, балки қобилияти муносибати масъулона, фаъолона ва шаҳрвандона ба воқеияти иҷтимоиро низ ташаккул диҳанд.

Дар ин замина, истифодаи усулҳои ташхисӣ, аз ҷумла мониторинг ва баҳодиҳии сатҳи иҷтимоишавии донишҷӯён, аҳамияти калидӣ касб мекунад. Онҳо имкон медиҳанд, ки вазъи воқеии ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ, арзишӣ ва рафтории донишҷӯён муайян гардида, камбудиҳо ва мушкилоти мавҷуда сари вақт ошкор карда шаванд. Дар асоси натиҷаҳои ташхисӣ раванди таълим ва тарбия мутобиқ ба талаботи ҷомеа, бозори меҳнат ва ҳадафҳои рушди устувор ислоҳ ва такмил дода мешавад, ки ин самаранокии умумии омодасозии мутахассисони иҷтимоан масъулро таъмин менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар илми муосир масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯён ҳамчун яке аз самтҳои муҳими таҳқиқоти байнисоҳавӣ баррасӣ гардида, таваҷҷуҳи ҷиддии намояндагони соҳаҳои фалсафа, ҷомеашиносӣ, психология ва педагогикаро ба худ ҷалб намудааст. Дар шароити тағйирёбии босуръати муҳити иҷтимоӣ, густариши глобализатсия ва дигаргуншавии арзишҳои иҷтимоӣ, масъалаи ташаккули шахсияти иҷтимоан болаёқат, масъул ва фаъол аҳамияти хоса пайдо

кардааст. Дар ин замина, равандҳои азнавбаррасии асосҳои назариявию методологии иҷтимоишавӣ фаъол гардида, мероси илмии намояндагони мактабҳои гуногуни илмӣ мавриди таҳлили нав қарор мегирад.

Асосҳои назариявии мафҳуми иҷтимоишавӣ дар осори классикони илми иҷтимоӣ ва фалсафӣ, аз ҷумла Э. Дюркгейм [13], Ч. Х. Кули [31], Дж. Г. Мид [23], П. А. Сорокин ва дигарон гузошта шудаанд. Дар асарҳои онҳо иҷтимоишавӣ ҳамчун раванди воридшавии шахс ба низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, азхудкунии меъёрҳо, арзишҳо ва нақшҳои иҷтимоӣ тавсиф гардида, робитаи мутақобилаи шахс ва ҷомеа ҳамчун асоси ташаккули шахсият нишон дода мешавад.

Дар таҳқиқоти муосири хориҷӣ ва минтақавӣ масъалаҳои иҷтимоишавӣ дар асарҳои Г. М. Андреева [3], Н. Ф. Голованова [10], А. И. Ковалева [17], А. В. Мудрик [24], А. В. Петровский [25] ва дигарон ҳамаҷониба баррасӣ шудаанд. Ин олимон мафҳум, мақсадҳо, механизмҳо ва омилҳои иҷтимоишавии шахсиятро таҳлил намуда, нақши муҳити таълимӣ, фаъолияти иҷтимоӣ ва муоширати байнишахсиро дар ташаккули донишҷӯ ҳамчун субъекти иҷтимоӣ асоснок кардаанд. Дар корҳои онҳо муассисаи таҳсилоти олӣ ҳамчун муҳити муҳими иҷтимоишавӣ, ки дар он арзишҳо, мавқеи шаҳрвандӣ ва худшиносии касбӣ ташаккул меёбад, махсус таъкид мегардад.

Таъсири шароити таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ба равандҳои иҷтимоисозии шахсият дар осори В. С. Агеев [1], А. Г. Асмолов [6], Л. Н. Гумилёв, П. С. Гуревич [12], М. С. Каган [16] инъикос ёфтааст. Онҳо нишон медиҳанд, ки равандҳои иҷтимоишавӣ дорои хусусияти тағйирёбанда буда, ба вазъи ҷомеа, низоми арзишҳо ва хусусиятҳои давраи таърихӣ вобастагии мустақим доранд.

Ҷанбаи ҳамкории муассисаи таълимӣ бо муҳити иҷтимоӣ ва нақши тарбия дар ташаккули шахсият дар осори Л. П. Буева, А. С. Макаренко [22], С. Т. Шатский [33] ва дигарон баррасӣ гардидааст. Масъалаҳои иҷтимоишавии кӯдакӣ ва ҷавонӣ, нақши оила, гурӯҳи ҳамсолон ва муҳити таълимӣ дар рушди шахсият дар таҳқиқоти А. В. Мудрик [24] ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунанд. Ҳамзамон, равандҳои ташаккули шахсият, худшиносӣ ва фаъолиятнокии иҷтимоӣ дар корҳои В. С. Агеев [1] ва Г. М. Андреева [3] ҳамчун унсурҳои калидии иҷтимоишавӣ таҳлил шудаанд.

Дар масъалаи сифати тайёр намудани мутахассисон ва мутобиқати тайёрии касбӣ ба талаботи ҷомеа, О. А. Абдуллина зарурати таҳияи нақшаҳо ва барномаҳои нави таълимиро асоснок менамояд, ки ба тағйирёбии бозори меҳнат ва талаботи иҷтимоӣ мутобиқ бошанд. Масъалаҳои стандартикунонии таҳсилот, таҳияи китобҳои дарсӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нави таълим ва усулҳои муосири тарбия ва рушд дар осори С. И. Архангельский [5] ҳамаҷониба инъикос ёфтаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки маҳз тавассути ин воситаҳо принсипҳои таълими муосир амалӣ шуда, сифати омодасозии мутахассисон баланд бардошта мешавад.

Дар як қатор таҳқиқоти илмӣ ва осори олимони хориҷӣ масъалаи тақвият додани раванди таълим дар заминаи иҷтимоишавии донишҷӯён, хусусан аз нигоҳи дидактикӣ-методологӣ ва психологӣ, мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст. Ба ин самт асарҳои Ю. К. Бабанский [7], Т. Парсонс

[23], В. В. Давидов, Л. В. Занков [14], М. Лутфуллозода [21], В. А. Крутетский [19], М. Н. Скаткин [30], П. Р. Атутов, А. Н. Леонтев [20], М. А. Данилов, Т. И. Шамова ва дигарон тааллуқ доранд. Дар ин таҳқиқотҳо таълим ҳамчун раванди фаъол ва иҷтимоӣ баррасӣ гардида, нақши фаъолияти маърифатӣ, муоширати педагогӣ ва муҳити таълимӣ дар ташаккули шахсияти донишҷӯ таъкид мегардад.

Масъалаи ташаккули ниёзҳои маънавӣ ва ангезаҳои фаъолияти шахсият низ таваҷҷуҳи бисёр муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Дар осори С. Л. Рубинштейн [27], А. Н. Леонтьев [20], А. В. Петровский [25], Б. Г. Ананев [4] ва дигарон ниёзҳои маънавӣ ҳамчун омили муҳими рушди шахсият ва асоси ташаккули мавқеи иҷтимоии инсон таҳлил шудаанд. Онҳо нишон медиҳанд, ки маҳз дар раванди таълим ва муошират иҷтимоӣ шаклгирии арзишҳо, ҳавасмандӣ ва худшиносии шахсият сурат мегирад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои мухталифи иҷтимоишавии наврасон ва ҷавонон, инчунин масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи маърифати иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳо дар таҳқиқоти олимони ватанӣ ба таври назаррас инъикос ёфтаанд. Ба чунин таҳқиқот корҳои М. Лутфуллозода [21], Х. Раҳимзода [26], Л. М. Иматова, М. Ризоева [15], Х. Буйдоқов [8], Ф. Шарифзода, И. Х. Каримова [32], Ф. Гулмадов [11], Ш. П. Котибова, Ш. О. Фозилов [18], М. В. Саидов [28], Э. Ҷонмирзоев, А. Ҳамроқулов, С. Холназаров, С.О. Сатторов [29], Д. Шарипова, Н. С. Собирова, Р. Ҳ. Неъматов ва дигарон тааллуқ доранд. Дар осори онҳо масъалаҳои тарбияи шаҳрвандӣ, фарҳанги иҷтимоӣ, худшиносии миллӣ ва рушди маънавии ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон баррасӣ мегарданд.

Масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ аз тарафи муҳаққиқони ватанӣ Одилзода Д. Р., Раҳимӣ К. М., Мирбобоева Б.М., Сатторов С. О., Амонов С., Сайдаҳмадзода Ҳ., Садуллоева Г. М., Сафаров М. С., Шарипов Р. С., Абдулов Ҷ. М., Неъматов Р. Ҳ., Акмалова М. А., Нарзуллоев Ҳ. С., Азиззода Р. Н., Окимшоева Р. С., Ризоева Н. М., С. Раҳмоналӣ, Нурматова Н. Л., Нематуллозода М. М., Собирова Н. С., Давлатов Д. Р., Турсунова М. Ғ. ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки мушкилоти иҷтимоишавии донишҷӯён дар адабиёти илмӣ таваҷҷуҳи педагогон, файласуфон, ҷомеашиносон, равоншиносон ва омӯзгоронро ба худ ҷалб намудааст. Бо вуҷуди ин, раванди иҷтимоишавии донишҷӯён маҳз дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, махсусан дар Донишкадаҳои сарҳадии назди Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, то ҳол ба таври махсус ва муназзам мавриди омӯзиши илмӣ қарор нагирифтааст. Ин холигии назариявӣ ва амалӣ зарурати анҷом додани таҳқиқоти мазкурро ҳамчун посух ба талаботи воқеии ҷомеа ва низоми таҳсилоти олии касбӣ асоснок менамояд.

Аҳамияти баланди ҳалли масъалаҳои иҷтимоишавии донишҷӯён, инчунин нокифоя будани равишҳо, усулҳо ва технологияҳои амалии иҷтимоигардонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ заминаи интихоби мавзӯи таҳқиқоти «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» (дар мисоли

Донишкадаҳои сарҳадии назди Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон)-ро фароҳам овард. Таҳлили вазъи мавҷуда нишон дод, ки дар назария ва амалияи педагогӣ байни зарурати воқеии иҷтимоишавии донишҷӯён ва норасоии таъминоти методологӣ, технологӣ ва ташхисии ин раванд ихтилофи объективӣ вуҷуд дорад.

Ин ихтилоф, пеш аз ҳама, дар як қатор омилҳо ифода меёбад:

- талаботи афзояндаи бозори меҳнат ба мутахассисони баландихтисос, мутобиқшаванда, масъулиятшинос ва дорои қобилияти фаъол дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, дар ҳоле ки омодагии иҷтимоии хатмкунандагон аксаран ба ин талабот ҷавобгӯ нест;
- зарурати эҳё ва тақвияти арзишҳои ахлоқӣ, маънавӣ ва шаҳрвандӣ дар раванди тайёр намудани мутахассисон, ки ҳанӯз ба таври кофӣ дар мазмун ва технологияҳои таълим инъикос наёфтааст;
- нокифоя будани дастурҳо, тавсияҳо ва барномаҳои махсус дар шароити стандартизатсияи мазмуни таҳсилоти касбӣ, ки аксаран ба дониш ва малакаҳои фаннӣ маҳдуд мегарданд;
- эҳтиёҷи педагогикаи иҷтимоӣ ба асосноккунии илмии равандҳои иҷтимоишавӣ дар марҳилаи тайёрии касбӣ ва ҳамзамон сатҳи нокифояи таҳлили назариявии ин мушкилот;
- шинохти иҷтимоишавӣ ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ, дар ҳоле ки усулҳо ва технологияҳои татбиқи он дар амал ба таври нокифоя рушд ёфтаанд;
- зарурати баҳодиҳии воқеии сатҳи иҷтимоии донишҷӯён ва набудани низоми ягонаи мониторинг, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои боэътимоди иҷтимоишавӣ;
- талаботи рӯзафзун ба фаъолияти иҷтимоиву тарбиявии омӯзгорон дар шароити донишгоҳ, дар ҳолате ки қисми зиёди онҳо аз ҷиҳати психологию педагогӣ барои иҷрои ин вазифаҳо пурра омода нестанд.

Ихтилофҳои зикршуда зарурати ҳалли як масъалаи муҳими педагогиро ба миён меоранд, ки ба таҷрибаи иҷтимоии донишҷӯён, ба муайян намудани принсипҳо, самтҳо, механизмҳо ва шартҳои педагогии иҷтимоишавии онҳо дар муҳити таҳсилоти олии касбӣ асос меёбад. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат мавзӯи таҳқиқоти «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» (дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии назди КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон) интихоб ва асоснок карда шудааст.

Ҷустуҷӯ ва таҳияи роҳҳои самарабахши бартараф намудани ин зиддиятҳо, сохтани барномаи илмӣ асоснок, коркарди методологияи мувофиқи иҷтимоишавии донишҷӯён ва таҳияи технологияҳои амалии самараноки иҷтимоисозӣ ҳамчун вазифаи муҳими таҳқиқот муайян мегардад, ки иҷрои он барои рушди назария ва амалияи педагогикаи таҳсилоти олии касбӣ аҳамияти калидӣ дорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бар пояи натиҷаҳои пажӯҳишҳое, ки дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзуи «Асосҳои педагогӣ-

равонии рушди хештаншиносиву ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагон ва наврасону ҷавонон дар замони муосир» мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст, таълиф гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва ба таври таҷрибавӣ санҷидани асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён мебошад, ки ба дараҷаи иҷтимоишавии шахсият таъсир мерасонад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ин мақсад иҷрои вазифаҳои зерини таҳқиқот муайян гардид:

- таҳлили адабиёти фалсафӣ, психологию педагогӣ, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани раванди иҷтимоишавиии донишҷӯён;
- таҳқиқи воқеӣ, қонуният, хусусиятҳои раванди иҷтимоишавӣ бо назардошти донишҳои умумии илмии дар ин соҳа ҷамъшуда;
- ошкор намудани моҳияти раванди иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- муайян кардани унсурҳои сохтории иҷтимоишавӣ, инчунинмақсадҳо, воситаҳо ва омилхое, ки таҳти таъсири онҳо иҷтимоишавии донишҷӯён сурат мегирад.
- ба роҳ мондани асосҳои консептуалии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси заминаҳои назариявӣ ва методологӣ;
- муайян намудани маҷмуи шароити педагогӣ барои иҷтимоишавии донишҷӯён ҳамчун модели асосии татбиқи асосҳои консептуалии иҷтимоисозии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- санҷиши самаранокии шартҳои педагогии интихобшуда дар раванди иҷтимошавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таври таҷрибавӣ.

**Объекти таҳқиқот:** раванди иҷтимоии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

**Фарзияи таҳқиқот.** Иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бомуваффақият хоҳад буд, агар:

- ҷаҳорчӯбаи консептуалии дарки моҳияти иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчунраванди азхудкунии нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ аз ҷониби донишҷӯ дар ҷараёни мутобиқшавӣ ва ҳамгироии ӯ ба муассисаи таълимӣ тавассути рушди худшиносӣ ва худшиносии шахсият муайян карда шаванд;
- мазмуни тахминии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси нишондиҳандаҳои мушаххаси нақшҳои пешбарандаи иҷтимоӣ (мутахассис, оиладор, фаъоли иҷтимоӣ); равиши шахсӣ-фаъолиятӣ ҳамчун ядрои пешбаранда ва асосии ташкили раванди иҷтимоишавиии донишҷӯён ба роҳ монда шавад;

- амсилаи мувофиқи ташкили раванди иҷтимоишавии донишҷӯён таҳия шуда, хусусияти фарққунандаи он фарогирии донишҷуёнро ба фаъолияти мушаххас таъмин намояд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар се марҳила гузаронида шуд:

**Марҳилаи аввал – (солҳои 2021-2022)** дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ вазъи имрӯзаи масъалаи мавриди омӯзиш қароргирифта, дастгоҳи таҳқиқоти илмӣ таҳия карда шуд, мафҳуми «иҷтимоишавии донишҷӯён» мураттаб гардид, модели назариявии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бунёд гардид.

**Марҳилаи дуюм (солҳои 2022-2023)** - меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мураттаб карда шуда, дар асоси он барномаи ташхиси омӯзиши сатҳи иҷтимоишавии донишҷӯён, мундариҷа ва корҳои озмоишӣ муайян гардиданд ва технологияи иҷтимоишавии донишҷӯён дар Донишкадаҳои сарҳадии КДАМ татбиқ ва тартиб дода шуд.

**Марҳилаи сеюм (солҳои 2024-2025) -** таҳлил, натиҷагирӣ ва батартибдарории далелҳои бадастомада, таҳлили сифатӣ ва миқдории натиҷаҳо, муайян намудани хулосаҳо ва тавсияҳоро фаро гирифта, шакли ниҳоии кори диссертатсионӣ омода карда шуд.

Ҷанбаҳои назариявии кори диссертатсионӣ дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомиии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳқиқ гардида, корҳои озмоишӣ бо роҳбарии муаллиф дар заминаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар Донишкадаҳои олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ДҲВМ анҷом дода шудаанд.

**Асоси назариявии таҳқиқот** аз муқаррарот ва ғояҳои пешбарандаи консепсияи иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар асарҳои олимон ба мисли Н.Ф., Голованова, В. И. Ковалева., И. Кон, А. В. Мудрик., М. И. Шилов., консепсияи равиши яклухт ба баррасии раванди педагогӣ (Ю. К. Бабанский., А. И. Дулов., Б. Ч. Илин., Т. А. Стефановская), равиши фаъолият (В. Г. Афанасев, Л. С. Виготский, В. В. Давидов, А. Н. Леонтев), муносибати шахс (И. С. Кон, А. В., Мудрик, А. Б. Орлов), равиши шахсиятӣ-фаъолиятӣ (В. В. Сериков., В. А. Сластенин), ғояҳои демократикунонӣ ва гуманизатсияи маориф (А. А. Бодалев, Е. В. Бондар ва дигарон ифода ёфтаанд, принсипи асосии назариявӣ ва методологии педагогика ва психология, муқарраროти асосии назарияи кори таҳқиқотӣ муайян мегардад.

**Асоси методологии тадқиқот** нуқтаҳои муҳимтарини таълимоти демократии инкишофи шахсият мебошад; муқаррарот дар бораи алоқамандӣ ва вобастагии ҳамдигарии падидаҳо, аз ҷумла дар бораи алоқамандии байни дигаргуниҳои ҷойдоштаи иҷтимоию иқтисодӣ ва навсозии соҳаи маориф; назарияи педагогии фаъолият, назарияи раванди фаъолият, ки дар асарҳои олимони варзидаи ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи педагогика, психология, ҷамъиятшиносӣ ва иқтисодӣи инъикос ёфтаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, асарҳои илмии олимони муосири ватанию

хориҷӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот, мақолаҳои илмӣ оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди иҷтимоишавии донишҷӯён, осори фалсафию таърихӣ ва психологию педагогӣ, қонун, стратегия ва барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолиятҳои инноватсионӣ» (2012), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» (2024), Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (2020) ба ҳайси сарчашмаи маълумот хизмат намуданд.

**Заминаҳои эмпирикии** кори диссертатсиониро таҷрибаи илмии педагогикаи муосир, истифода аз методҳои дар амал санҷидашудаи таҳқиқоти илмӣ, монанди таҳлили назариявии сарчашмаҳои илмӣ, таҷдид ва мушаххассозӣ, муқоисаи шабоҳату тафовутҳо, методҳои таҳқиқоти эмпирикӣ, баррасии ҳуҷҷатҳои расмӣ ва барномавӣ, корбурди усули мушоҳида, пурсиш, суҳбат, озмоиш, татбиқи омори математикӣ ҳангоми коркарди далелҳои санҷишиву озмоишӣ ва ҳамчунинномӯзиши натиҷаи фаъолияти омӯзгорон ва таҷрибаи амалии омӯзиш дар низоми таҳсилоти олии касбии мамлакат фароҳам овардаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Корҳои таҳқиқотию озмоишӣ дар заминаи Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд. Ин муассисаҳо ҳамчун пойгоҳи асосии таҷрибавӣ интихоб гардиданд, зеро онҳо дорои муҳити махсуси таълимӣ, низоми муташаккили тарбиявӣ ва шароити хоси иҷтимоишавии донишҷӯён (курсантҳо) мебошанд, ки имкони таҳлили амиқи раванди иҷтимоишавиро фароҳам меоранд. Дар таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ 20 нафар омӯзгорон ва зиёда аз 300 нафар донишҷӯён (курсантҳо) иштирок намуда, онҳо ба гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ ҷудо карда шуданд. Дар ҷараёни таҳқиқот фаъолияти таълимӣ, рафтори иҷтимоӣ, ангезаҳо, арзишҳо ва сатҳи иҷтимоишавии донишҷӯён мунтазам мушоҳида, таҳлил ва баҳогузорӣ гардид. Идеяҳо, масъалаҳо ва муқаррароти асосии таҳқиқот дар раванди муҳокима ва санҷиши илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, инчунин дар ҷаласаҳои илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълимии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ ва тасдиқ карда шуданд. Ғайр аз ин, натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳ ва кафедраи корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ, педагогика ва психологияи Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли гузоришҳо ва маърӯзаҳо пешниҳод гардида, мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ дар масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо риояи пайдарпайии мантиқӣ таҳлил ва асоснок карда шудаанд. Дар ҷараёни таҳқиқот қадамҳои зерин амалӣ гардиданд:

- нахуст, заминаҳои назариявии равандҳои иҷтимоишавии донишҷӯён баррасӣ ва таҳлил гардида, асосҳои методологии он муайян шуданд;

- дар доираи таҳқиқ, мафҳуми “иҷтимоишавӣ” бозшиносӣ шуда, дақиқтар таъриф ёфт. Он ҳамчун раванд ва ҷараёне дарк мегардад, ки шахс дар он дониш, малака, сифат ва хусусиятҳои зарурии иҷтимоиро барои иҷрои нақшҳои гуногун – мустақилона ва босамар – аз худ мекунад;

- моҳияти иҷтимоишавии донишҷӯён дар омодагии онҳо барои амалигардонии нақшҳои иҷтимоӣ – аз қабили мутахассиси соҳибтахассус, шаҳрванди фаъол, узви оила ва иштирокчии ҳаёти ҷамъиятӣ – ифода меёбад;

- мақсад ва муҳтавои раванд ҳамчун ташаккули шахсияти иҷтимоишудаи донишҷӯ тафсир ёфт, ки он дорои маҷмӯи муносибатҳо, дониш, малака ва хислатҳое мебошад, ки барои фаъолияти босамар дар муҳити иҷтимоӣ заруранд;

- принсипҳои ташкили ҷараёни иҷтимоишавӣ таҳия ва асоснок гардиданд. Онҳо робитаи созандаи анъанаҳои тарбиявии гузашта, ниёзҳои воқеии ҷомеаи имрӯза ва дурнамои рушди иҷтимоиро дар бар мегиранд. Ин раванд ҳамзамон таҷрибаи меросгирифта ва мутобиқшавии фаъоли донишҷӯён ба замони муосирро фаро мегирад;

- муайян карда шуд, ки шароити ташкил ва татбиқи ин раванд наметавонад танҳо ба омилҳои беруна (фармоиши иҷтимоӣ, сиёсати давлатӣ) такя кунад. Он бояд ба сатҳи воқеии инкишофи шахсӣ ва омодагии иҷтимоии донишҷӯён мутобиқ бошад;

- дар натиҷаи таҳқиқ, амсилаи назариявию амалии иҷтимоишавии донишҷӯён таҳия гардид, ки метавонад ҳамчун воситаи методологӣ барои арзёбӣ ва такмили фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода шавад;

- ниҳоят, заминаҳои педагогии раванд низ шакл гирифтанд, ки имкон медиҳанд пайванди мутақобили таълим ва тарбия таъмин шуда, ҷараёни иҷтимоишавӣ бо муҳтавои таълим ҳамоҳанг карда шавад. Ин омил мусоидат мекунад ба ташаккули мутахассисоне, ки на танҳо аз ҷиҳати касбӣ, балки аз лиҳози иҷтимоӣ низ комилан омодаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда**

1. Дар иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мо татбиқи асосҳои педагогӣ ва раванди фароҳам овардани шароитро барои аз худ кардани нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ (аз ҷумла, мутахассис, корманди иҷтимоӣ, оиладор) дар ҷараёни мутобиқшавӣ ва ҳамгироӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути худшиносӣ ва рушд дар назар дошта шудааст.

2. Асосҳои консептуалии иҷтимоикунонии донишгоҳ ягонагии ҷузъҳои зеринро ифода мекунанд: моҳияти иҷтимоӣ (шароити мусоид барои раванди аз ҷониби донишҷӯ азхуд кардани нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ фароҳам овардан), мақсади он (шахси иҷтимоишудае, ки нақшҳои иҷтимоии донишҷӯро аз худ кардааст, касбӣ, оиладор, фаъоли ҷомеа), мазмуни тахминии раванди иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (ҳаҷм ва характери дониш, малака, сифатҳо ва хислатҳои шахсияти барои пурра татбиқ намудани вазифаҳои роҳбарикунанда, идеяи пешбаранда (дараҷаи иҷтимоии донишҷуён бо фаъолияти онҳо муайян карда мешавад), равиши назариявӣ, хусусиятҳои ташкили раванди иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, меъёрҳои

иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (муносибати арзишнок ба табиат, ҷамъият, ба худ) кифоя аст.

3. Раванди иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо маҷмуи шартҳои педагогӣ муайян карда мешаванд, ки тамоили мусбати рушди раванди иҷтимоишавии донишҷӯёнро таъмин мекунанд ва аз инҳо иборатанд:

- муайян намудани ҳадафҳо, вазифаҳо, принсипҳои асосии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, принсипҳои иҷтимоие, ки дар мазмуни асосӣ ва самти амалӣ ифода ёфтааст;

- ташкили фаъолияти таълимӣ ва маърифатии донишҷӯён дар асоси иҷтимоишавӣ, ки аз тарбияи донишҷӯён таҷрибаи гуногуни иҷтимоӣ (аз ҷумла танзимнашавандаи барномаи таълимӣ) иборат аст;

- ғанӣ гардонидани мундариҷаи қисми тағйирёбандаи стандарти таълимӣ бо курсҳои махсуси тамоили амалӣ, ки ҷузъи асосии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад;

- ҷалби донишҷӯён ба фаъолиятҳои амалии сареъ, ки бо барномаи таълимӣ танзим нашудаанд ва ҷузъи асосии раванди иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошанд.

4. Дар раванди ғанӣ гардонидани қисми тағйирёбандаи стандарти таълимӣ тавассути курсҳои махсуси амалӣ ва ҷалби фаъолонаи донишҷӯён ба намудҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ ва амалие, ки бо барномаи таълимӣ мустақиман танзим нашудаанд, заминаи воқеӣ барои ташаккули таҷрибаи иҷтимоӣ, масъулиятшиносӣ ва мавқеи фаъоли шаҳрвандии донишҷӯён фароҳам меорад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот:** мутобиқи хусусиятҳое, ки дар натиҷаи таҳлил муайян шудаанд, мафҳуми иҷтимоишавии донишҷӯён воситаҳои фаъолсозии таълимии донишҷӯён равшан карда шуда, таснифоти субъектҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар раванди таълим дар заминаҳои гуногун истифода мешаванд, таҳия карда шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки тавсияҳои методологии таҳияшуда (шаклҳо, усул ва воситаҳои истифодаи дониш ва малакаи илмӣ) такмили ҷараёни таълимро дар иҷтимоишавӣ ва баланд бардоштани сатҳи сифати корҳои таълимии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъмин менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои рушди ҷанбаҳои педагогии сифати дониш ва иҷтимоишавии донишҷӯён истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо асоснокии муқаррароти ибтидоии назариявӣ, таҳлил ва таркиби равишҳои фалсафӣ ва психологию педагогӣ дар асосноккунии ақидаҳои пешбаранда, истифодаи усули мувофиқ ба мақсад, вазифаҳо, маҷмуи усули сифатӣ ва миқдории таҳлил, фарзия таъмин карда мешавад. Натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қонунӣ будани нуқтаҳои фарзияи таҳияшударо нишон доданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ

(педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла: банди 1 - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ»; банди 4 - «Сифати ташкили ҷорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Иштироки шахсии муаллиф ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои илмии дар таҳқиқоти мазкур пешниҳодшуда ва маводи интишоргашта, дар асосноккунии назариявӣ ва илмӣ-амалии мушкилот ва ҳалли онҳо, ифода ёфтааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳои илмӣ, ки бозтобкунандаи мазмуни диссертатсия мебошанд, нашр шуданд. Дар амалӣ намудани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар асоснок намудани ҳалли мушкилот, коркарди идеяи кор, вазифа ва марҳилаҳои таҳқиқот, дар иштироки бевоситаи унвонҷӯ ҷиҳати дарёфти далелҳо, мураттабсозии онҳо ва санҷишу татбиқи амалии онҳо зоҳир мегардад. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути нашри мақолаҳо, баромад дар конференсияҳо – ҷаласаҳои Донишкадаҳои сарҳадии назди КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба масъалаҳои таълимию педагогӣ амалӣ гардидааст. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рафти таҳқиқот таҳия шудаанд, ба баланд бардоштани иҷтимоишавии донишҷӯён ва фаъолияти маърифатии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ натиҷаҳои мусбат медиҳанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Дар доираи мавзуи диссертатсия аз ҷониби муллиф 10 номгӯйи мақолаҳо нашр гардиданд. Дар байни онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурииии Тоҷикистон.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии он 213 саҳифаи чопи компютериро ташкил дода, 8 ҷадвал, 6 диаграмма ва 2 амсиларо дар бар мегирад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** муҳиммияти мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, шарҳи мухтасари дараҷаи пажӯҳиши мавзуъ оварда шудааст. Ҳамчунин объект ва мавзуи (предмети) таҳқиқот муайян гардидааст. Мақсаду вазифаҳо ва фарзияи кор муайян гардида, асоси методологии таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии таҳқиқот, марҳилаҳои асосӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ, арзиши амалии кор, саҳеҳияти ғояҳои илмӣ, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳо ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мухтасар баён гардидаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** «Асосҳои назариявии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» масъалаҳои назариявӣ ва методологии масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таври муфассал таҳлил мегарданд. Мафҳуми «иҷтимоишавӣ» ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ-педагогӣ баррасӣ шуда, он ҳамчун раванди воридшавии фаъоли шахс ба низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, азхудкунии арзишҳо, меъёрҳо, нақшҳо ва шаклҳои рафтори иҷтимоӣ тавсиф мегардад. Дар ин замина равишҳои асосии илмӣ ба фаҳмиши иҷтимоишавӣ – равишҳои иҷтимоӣ-педагогӣ, равонӣ-педагогӣ ва фарҳангӣ – таҳлил ва муқоиса карда шуда, омилҳо ва механизмҳои ташаккули шахсияти иҷтимоишуда муайян карда мешаванд.

Дар боби мазкур нишон дода мешавад, ки иҷтимоишавӣ на танҳо натиҷаи таъсири муҳити иҷтимоӣ, балки раванди фаъоли худташаккулии шахс мебошад, ки дар он донишҷӯ мавқеи иҷтимоии худро дарк намуда, муносибати худро ба ҷомеа, касб ва арзишҳои фарҳангӣ ташаккул медиҳад. Таваҷҷуҳи махсус ба нақши фаъолияти маърифатӣ, муоширати педагогӣ ва таҷрибаи иҷтимоӣ ҳамчун механизмҳои калидии ин раванд равона мегардад.

Нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳамчун муҳити махсуси иҷтимоӣ, ки дар он ташаккули арзишҳо, меъёрҳои рафтор, мавқеи шаҳрвандӣ, худшиносии касбӣ ва масъулияти иҷтимоии донишҷӯ сурат мегирад, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда мешавад. Муассисаи таҳсилоти олӣ ҳамчун фазои ҳамгирои таълимӣ, тарбиявӣ ва иҷтимоӣ тавсиф меёбад, ки дар он донишҷӯ дар ҷараёни омӯзиш, фаъолияти беруназсинфӣ ва ҳамкории иҷтимоӣ таҷрибаи зиндагии шаҳрвандӣ ва касбии худро ташаккул медиҳад.

Дар идома меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои муайян намудани дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯён таҳия ва пешниҳод мегарданд, ки онҳо имкон медиҳанд сатҳи ташаккули арзишҳо, муносибатҳо, ангезаҳо ва рафтори иҷтимоии шахсият ба таври илмӣ арзёбӣ карда шавад. Дар асоси ин меъёрҳо заминаи назариявӣ барои ташхис, мониторинг ва арзёбии сатҳи омодагии иҷтимоии донишҷӯён гузошта мешавад, ки барои идора ва такмили раванди иҷтимоишавӣ дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аҳамияти амалӣ дорад.

**Дар зербоби аввали боби якум** «Иҷтимоишавии шахсият ҳамчун масъалаи педагогӣ» иҷтимоишавӣ ҳамчун раванди таърихию иҷтимоӣ ва ҳамзамон педагогии ташаккули шахсият таҳлил мегардад, ки дар ҷараёни он инсон на танҳо муҳити иҷтимоиро қабул менамояд, балки ҳамчун субъекти фаъол дар он иштирок карда, муносибатҳо, арзишҳо ва мавқеи инфиродии худро ташаккул медиҳад. Иҷтимоишавӣ ҳамчун раванди муттасили воридшавии шахс ба низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳамзамон ҳамчун натиҷаи азхудкунии арзишҳо, меъёрҳо, идеалҳо ва намунаҳои рафтори ҷомеа баррасӣ мешавад, ки шахсиятро ҳамчун узви пурқимати ҷомеа шакл медиҳад.

Дар ин зербоб равишҳои асосии назариявӣ ба иҷтимоишавӣ — иҷтимоӣ-педагогӣ, равонӣ-педагогӣ ва фарҳангӣ — муқоиса ва таҳлил гардида, нишон дода мешавад, ки ҳар яке аз онҳо ҷанбаҳои муайяни ташаккули шахсиятро равшан месозанд, вале танҳо дар ҳамгироии онҳо

иҷтимоишавӣ ҳамчун падидаи томи педагогӣ ошкор мегардад. Таъкид мешавад, ки иҷтимоишавӣ на раванди худҷорӣ ва стихиявӣ, балки ҷараёни мураккаб, бисёрсатҳӣ ва қонунманди рушди шахсият мебошад, ки аз муҳити таълимӣ, муошрати иҷтимоӣ, фаъолияти муштарак ва таҷрибаи маърифатии инсон вобастагии зич дорад.

Таваҷҷуҳи махсус ба нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳамчун муҳити иҷтимоии дорои иқтидори бузурги ташаккулдиҳанда равона карда мешавад, зеро маҳз дар ин фазо донишҷӯ на танҳо донишҳои касбиро аз худ менамояд, балки арзишҳои шаҳрвандӣ, меъёрҳои ахлоқӣ, фарҳанги муошрат ва масъулияти иҷтимоиро низ ташаккул медиҳад. Фаъолияти маърифатӣ, муошрати педагогӣ, ҳамкории гурӯҳӣ ва таҷрибаи иҷтимоӣ ҳамчун механизмҳои калидии иҷтимоишавии донишҷӯ таҳлил мегарданд, ки рушди худшиносӣ, мавқеи иҷтимоӣ ва омодагии касбиро таъмин менамоянд.

Дар ҷамъбаст асоснок карда мешавад, ки иҷтимоишавии донишҷӯён дар низоми таҳсилоти олӣ бояд ҳамчун раванди мақсаднок, идорашаванда ва низомманди педагогӣ баррасӣ гардад, зеро маҳз дар ин марҳила ташаккули мавқеи иҷтимоӣ, ҳисси масъулият, худшиносии касбӣ ва омодагии шаҳрвандии ҷавонон ба таври муназзам сурат мегирад.

**Дар зербоби дуюми боби якум** «Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун мактаби иҷтимоишавии шахсияти донишҷӯён» донишгоҳ ҳамчун муҳити мураккаб, бисёрсатҳии иҷтимоӣ ва педагогӣ таҳлил мегардад, ки дар он раванди ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ, масъулияти иҷтимоӣ, худшиносии касбӣ ва фарҳанги иҷтимоии донишҷӯён ба таври мақсаднок сурат мегирад. Муассисаи таҳсилоти олӣ на танҳо ҳамчун сохтори таълимӣ, балки ҳамчун фазои ҳамгироии таълим, тарбия, муошрати иҷтимоӣ ва таҷрибаи шаҳрвандӣ баррасӣ мешавад, ки дар он шахсияти ҷавон тадриҷан ба субъекти фаъоли ҳаёти иҷтимоӣ табдил меёбад.

Дар зербоб мазкур нишон дода шудааст, ки маҳз муҳити донишгоҳӣ тавассути низоми муносибатҳои байни омӯзгорон ва донишҷӯён, фаъолияти таълимӣ, кори беруназсинфӣ, ташкили ҳаёти донишҷӯӣ ва иштироки ҷавонон дар шаклҳои гуногуни фаъолият барои иҷтимоишавии онҳо заминаи устувор фароҳам меорад. Нақши раванди таълим, фаъолияти маърифатӣ, муҳити ахлоқию фарҳангӣ, арзишҳои коллективӣ ва муносибатҳои педагогӣ дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, меъёрҳои рафтор, мавқеи иҷтимоӣ ва ангезаҳои шаҳрвандии донишҷӯён асоснок карда мешавад.

Таъкид мегардад, ки донишгоҳ ҳамчун мактаби воқеии иҷтимоишавӣ на танҳо дониш ва малакаҳои касбиро интиқол медиҳад, балки имконияти дар амал аз худ кардани таҷрибаи ҳамкорӣ, муошрати иҷтимоӣ, худидоракунӣ, қабули қарорҳо ва масъулияти шаҳрвандиро фароҳам месозад. Маҳз дар ин муҳит донишҷӯ муносибати худро ба ҷомеа, касби оянда, арзишҳои ахлоқӣ ва нақши иҷтимоии худ ташаккул дода, ба шахсияти иҷтимоан баркамол ва масъулиятшинос табдил меёбад.

**Дар зербоби сеюми боби якум** «Асоси назариявии муайян кардани дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯён» меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва асосҳои методологии баҳодиҳии сатҳи иҷтимоишавии шахсият дар шароити

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳлил мегарданд. Иҷтимоишавӣ ҳамчун падидаи бисёрҷанба баррасӣ шуда, нишон дода мешавад, ки он маҷмӯи ҷузъҳои маърифатӣ, арзишӣ, ангезавӣ, коммуникатсионӣ ва рафториро дар бар мегирад ва бо сатҳи рушди умумии шахсият иртиботи мустақим дорад. Таъкид мегардад, ки сатҳи омодагии иҷтимоии донишҷӯён танҳо бо ҳаҷм ва сифати донишҳои назариявӣ маҳдуд нашуда, дар амалия тавассути муносибатҳо, мавқеъгирӣ, рафтори иҷтимоӣ ва омодагӣ ба ҳамкории иҷтимоӣ ифода меёбад.

Дар ин қисмат равишҳои назариявӣ ба масъалаи ташхиси иҷтимоишавӣ таҳлил гардида, имконияҳои муайян намудани дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯён тавассути баҳодиҳии муносибатҳои иҷтимоӣ, ҳавасмандии иҷтимоӣ, худшиносӣ, сатҳи инкишофи қобилияти муошират, масъулиятшиносӣ ва рафтори иҷтимоӣ асоснок карда мешаванд. Нишон дода мешавад, ки арзёбии воқеъбинонаи иҷтимоишавӣ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки он ба маҷмӯи нишондиҳандаҳои ҳам объективӣ (фаъолият, иштирок дар ҳаёти иҷтимоӣ, рафтори иҷтимоӣ) ва ҳам субъективӣ (арзишҳо, ангезаҳо, худбаҳодиҳӣ, муносибат ба ҷомеа ва касб) такя намояд.

Дар натиҷа исбот мегардад, ки муайян кардани дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯён бояд хусусияти низомманд ва мукаммал дошта, ҳамчун ҷузъи муҳими мониторинги рушди шахсият дар раванди таҳсилоти олӣ баррасӣ гардад. Ин равиш имкон медиҳад сатҳи омодагии иҷтимоии донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба таври илмӣ асоснок ва воқеъбинона арзёбӣ карда шавад.

**Дар боби дуюми диссертатсия** «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» ба таври низомманд таҳия ва асоснок карда мешаванд. Дар ин боб иҷтимоишавии донишҷӯён ҳамчун раванди мақсадноки педагогӣ баррасӣ гардида, механизмҳо, воситаҳо ва технологияҳои таъсиррасонӣ ба ташаккули шахсияти иҷтимоишудаи донишҷӯ муайян мегарданд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба пайванди мутақобилаи раванди таълим, тарбия ва фаъолияти иҷтимоии донишҷӯён равона шуда, нишон дода мешавад, ки маҳз ҳамин ҳамгироӣ заминаи ташаккули мавқеи иҷтимоӣ, худшиносии касбӣ ва масъулияти шаҳрвандиро фароҳам меорад.

Дар ин боб методикаи муайян намудани дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯён пешниҳод карда мешавад, ки он ба маҷмӯи меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва усулҳои ташхис такя мекунад. Ин методика имкон медиҳад сатҳи ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ, ангезаҳо, муносибатҳо, рафтори иҷтимоӣ ва омодагии донишҷӯён ба фаъолияти шаҳрвандӣ ва касбӣ ба таври илмӣ муайян карда шавад. Усулҳои пурсиш, мушоҳида, суҳбат, таҳлили фаъолияти таълимӣ ва беруназсинфӣ, инчунин коркарди маълумоти таҷрибавӣ ҳамчун воситаҳои асосии ташхиси сатҳи иҷтимоишавӣ асоснок мегарданд.

Дар идома сохтор, мазмун ва механизми амсилаи иҷтимоисозии донишҷӯён таҳия мегардад. Амсилаи пешниҳодшуда ҳамчун низоми

мукаммали ҳамоҳангсозандаи таъсири педагогӣ, муҳити иҷтимоӣ ва фаъолияти шахсии донишҷӯ тавсиф шуда, унсурҳои таркибӣ, сатҳҳо ва марҳилаҳои татбиқи он дар муҳити донишгоҳ муайян карда мешаванд. Нишон дода мешавад, ки ин амсила на танҳо барои ташаккули арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ, балки барои рушди худшиносии касбӣ, малакаҳои коммуникатсионӣ ва қобилияти мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯ аҳамияти калидӣ дорад.

Ҳамчунин маҷмӯи шартҳои педагогие муайян карда мешаванд, ки татбиқи онҳо самаранокии иҷтимоишавии донишҷӯёнро таъмин менамояд. Ба ин шартҳо ташкили муҳити арзишманду тарбиявӣ дар донишгоҳ, фаъолсозии фаъолияти маърифатӣ ва иҷтимоии донишҷӯён, такмили муоширати педагогӣ, истифодаи усулҳои фаъоли таълим, ҳамгироии фаъолияти таълимӣ ва беруназсинфӣ, инчунин дастгирии равонию педагогии шахсият дохил мешаванд. Нишон дода мешавад, ки маҳз риояи ин шартҳо ба ташаккули мавқеи иҷтимоӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва омодагии касбии донишҷӯён дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидати воқеӣ мерасонад.

**Дар зербоби якуми боби дуюм** «Методикаи муайянсозии дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» низоми меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва усулҳои ташхиси сатҳи иҷтимоишавии донишҷӯён таҳия ва асоснок карда мешавад. Иҷтимоишавӣ ҳамчун падидаи бисёрҷанба баррасӣ гардида, он маҷмӯи сифатҳои маърифатӣ, арзишӣ, ангезавӣ, коммуникатсионӣ ва рафториро дар бар мегирад, ки дар фаъолияти таълимӣ ва иҷтимоии донишҷӯён ифода меёбанд. Бо назардошти ин, барои ҳар як ҷузъи иҷтимоишавӣ нишондиҳандаҳои мушаххас интихоб карда мешаванд, ки имконияти баҳодиҳии воқеъбинонаи сатҳи рушди иҷтимоии шахсиятро фароҳам меоранд.

Дар ин зербоб маҷмӯи усулҳои ташхисӣ, аз ҷумла пурсиш, мусоҳиба, мушоҳидаи педагогӣ, таҳлили фаъолияти таълимӣ ва иҷтимоии донишҷӯён, инчунин арзёбии худшиносӣ ва ҳавасмандии иҷтимоӣ тавсиф меёбанд. Нишон дода мешавад, ки ҳар яке аз ин усулҳо ҷанбаи муайяни иҷтимоишавиро инъикос намуда, истифодаи ҳамгирои онҳо имкон медиҳад сатҳи воқеии иҷтимоишавии донишҷӯён бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ ва пуррагӣ муайян карда шавад.

Дар натиҷа асоснок карда мешавад, ки методикаи пешниҳодшуда барои ташхис, мониторинг ва таҳлили динамикаи рушди иҷтимоии донишҷӯён дар ҷараёни таҳсилоти олӣ хизмат намуда, имконият медиҳад, ки самаранокии таъсири педагогӣ ба раванди иҷтимоишавӣ дар асоси маълумоти боэътимоди эмпирикӣ арзёбӣ гардад.

**Дар зербоби дуюми боби дуюм** «Таҳияи амсилаи иҷтимоии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» сохтор, мазмун ва механизми амсилаи иҷтимоишавии донишҷӯён таҳия ва асоснок карда мешавад.

Амсилаи тарҳрезишуда иҷтимоишавии ҷавононро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар се сатҳ муайян мекунад.

Ба сохтори амсилаи иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дохил кардани қисмҳои зерин мувофиқи мақсад аст: сатҳи идроки ҳиссӣ:, сатҳи идроки бошуурона, сатҳи амалҳо ва кирдор.

**Амсилаи 1.**




Бахши методологӣ дар тамоилоти инсондӯстӣ ва ҳамдардӣ ифода меёбад, ки онҳо пояи ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ташаккули донишҷӯёнро дар муҳити таҳсилоти олии касбӣ таъмин менамоянд. Ин тамоилот на танҳо як арзиш, балки низоми методологии равандҳои таълимӣ ва тарбиявиро муайян мекунанд. Онҳо бар маҷмӯи равишҳои назариявии муосир — системавию фаъолиятӣ, ба шахс нигаронидашуда, аксиологӣ, иртиботӣ ва салоҳиятнокӣ — такя менамоянд, ки ҳар кадоми онҳо барои инкишофи шахсият ва иҷтимоишавии босифати донишҷӯён аҳамияти низомӣ доранд.

Амсила ҳамчун низоми мураттаб ва ҳамгирои ҷузъҳои маърифатӣ, арзишӣ, ангезавӣ, коммуникатсионӣ ва рафторӣ баррасӣ гардида, он робитаи байни омӯзиш, тарбия ва фаъолияти иҷтимоии донишҷӯёнро дар муҳити донишгоҳ инъикос менамояд. Дар асоси ин равиш, вазифаҳои асосӣ, марҳилаҳои татбиқ ва усулҳои амалисозии амсила муайян карда мешаванд, ки ба рушди мутаносиби шахсияти иҷтимоишуда нигаронида шудаанд.

**Амсилаи 2. -** ***Робитаи мутақобил: «ҷузъҳо - методҳо - шаклҳо»***




Дар ин қисмат нишон дода шудааст, ки амсилаи пешниҳодшуда имконият медиҳад раванди иҷтимоишавии донишҷӯён ба таври мақсаднок, пайгирона ва илмӣ асоснок идора карда шавад. Он ҳамоҳангии фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ ва иҷтимоии донишҷӯёнро таъмин намуда, барои ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ, масъулияти иҷтимоӣ, фарҳанги муошират ва омодагии касбии онҳо заминаи устувор фароҳам меорад. Амалисозии амсила дар муҳити донишгоҳ ба баланд гардидани сатҳи худшиносӣ, фаъолнокии иҷтимоӣ ва мутобиқшавии касбии донишҷӯён мусоидат намуда, онро ҳамчун воситаи муассири такмили сиёсати тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олӣ муаррифӣ мекунад.

**Дар боби сеюми диссертатсия** «Таҳқиқу озмоиши шароитҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба санҷиши самаранокии шароити педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муфассал пешниҳод ва таҳлил мегарданд. Дар ин боб раванди татбиқи амсилаи иҷтимоисозии пешниҳодшуда, марҳилаҳои гузаронидани озмоиши педагогӣ, хусусиятҳои ташкил ва татбиқи таъсирҳои педагогӣ, инчунин тағйироти баамаломада дар рушди иҷтимоии донишҷӯён баррасӣ карда мешаванд.

Фаъолияти таълимию маърифатии донишҷӯён ҳамчун омили калидии иҷтимоишавӣ таҳлил гардида, нақши он дар ташаккули мавқеи иҷтимоӣ, арзишҳои шаҳрвандӣ, ангезаҳои маърифатӣ ва худшиносии касбии донишҷӯён нишон дода мешавад. Дар асоси маълумоти таҷрибавӣ динамикаи рушди сифатҳои иҷтимоӣ, арзишӣ, коммуникатсионӣ ва рафтории донишҷӯён дар ҷараёни татбиқи шартҳои педагогии пешниҳодшуда ошкор мегардад.

Инчунин натиҷаҳои муқоисавии гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ ҷамъбаст шуда, бо истифода аз усулҳои коркарди оморӣ ва таҳлили сифатӣ фарқиятҳои назаррас дар сатҳи иҷтимоишавӣ, фаъолиятнокии маърифатӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва омодагии касбии донишҷӯён муайян карда мешаванд. Нишон дода мешавад, ки донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ дар муқоиса бо гурӯҳҳои назоратӣ сатҳи баланди ангеза, худшиносӣ, қобилияти ҳамкорӣ ва иштироки фаъол дар ҳаёти таълимӣ ва иҷтимоии донишгоҳро нишон медиҳанд.

Дар натиҷа исбот мегардад, ки татбиқи амсилаи иҷтимоисозии пешниҳодшуда ва маҷмӯи шартҳои педагогии асоснокгардида ба баланд гардидани сатҳи иҷтимоишавии донишҷӯён, ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва рушди фаъолнокии маърифатии онҳо таъсири мусбат мерасонад. Ҳамин тариқ, натиҷаҳои боби сеюм эътимоднокии хулосаҳои назариявӣ ва самаранокии пешниҳодҳои методии таҳқиқотро дар амал собит месозанд.

**Дар зербоби якуми боби сеюм** «Хусусиятҳои иҷтимоишавии фаъолияти таълимию маърифатии донишҷӯён» робитаи мутақобилаи фаъолияти таълимӣ, ангезаҳои маърифатӣ ва ташаккули сифатҳои иҷтимоии донишҷӯён таҳлил карда мешавад. Фаъолияти маърифатӣ ҳамчун омили калидии ташаккули худшиносӣ, мустақилият, масъулият, қобилияти худидоракунӣ ва мавқеи иҷтимоии донишҷӯ баррасӣ мегардад. Нишон дода мешавад, ки маҳз тавассути фаъолиятҳои зеҳнӣ ва таҳқиқотӣ донишҷӯ на танҳо дониш меомӯзад, балки муносибати худро ба ҷомеа, касб ва арзишҳои иҷтимоӣ ташаккул медиҳад.

Таъкид мегардад, ки иштироки фаъолонаи донишҷӯён дар лексияҳо, семинарҳо, иҷрои супоришҳои мустақил, таҳқиқоти илмӣ ва муҳокимаи масъалаҳои иҷтимоӣ ба рушди фарҳанги муошират, ҳамкорӣ, таҳаммулпазирӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ мусоидат мекунад. Фаъолнокии маърифатӣ ҳамчун механизми муҳими иҷтимоишавӣ имконият фароҳам меорад, ки донишҷӯ аз қабулкунандаи пассиви дониш ба субъекти фаъоли фаъолияти таълимӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ табдил ёбад.

Дар шароити муосир рушди донишҷӯ танҳо бо ҳаҷми дониш маҳдуд намешавад, балки пеш аз ҳама ба қобилияти ҷустуҷӯ, таҳлил, арзёбӣ ва истифодаи мустақилонаи иттилоот вобаста аст. Муассисаҳои таҳсилоти олӣ

ҳамчун муҳити иҷтимоӣ-таълимӣ барои ташаккули фаъолияти маърифатӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии донишҷӯён шароити мусоид фароҳам меоранд. Дар доираи таҳқиқ шаклҳои гуногуни ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти илмӣ ва иҷтимоӣ — корҳои мустақилона, семинарҳои махсус, маърузаҳо, конференсияҳо ва таҷрибаи педагогӣ — истифода гардиданд, ки онҳо ба рушди тафаккури эҷодӣ, худмуайянкунӣ ва иҷтимоишавии донишҷӯён мусоидат намуданд.

Барномаи семинари махсуси 36-соата масъалаҳои таҳқиқи таърихи маҳал, иқтисод, фарҳанг ва ҷанбаҳои педагогии рушди ҷомеаро дар бар гирифта, барои ҳар соли таҳсил мавзуҳои мушаххаси маъруза пешниҳод гардиданд. Дар ҷараёни таҳқиқот донишҷӯёни курсҳои I–III фаъолона ба корҳои илмӣ ҷалб шуда, натиҷаҳои фаъолияти онҳо дар шакли маърузаҳо, корҳои курсӣ ва корҳои дипломӣ ҷамъбаст гардиданд.

Мавзуҳои корҳои донишҷӯён масъалаҳои методологӣ ва амалии иҷтимоишавии ҷавонон, фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва таҷрибаи омӯзгоронро фаро гирифта, дар онҳо масъалаҳои рушди фарҳанги шаҳрвандӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва худшиносии касбӣ инъикос ёфтанд. Иштироки донишҷӯён дар фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, аз ҷумла хондани лексияҳо, омода намудани мавод барои матбуот ва ҷамъоварии иттилооти таърихӣ, ҳамчун ҷузъи муҳими раванди иҷтимоишавӣ арзёбӣ мегардад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ-амалӣ собит месозанд, ки ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти таҳқиқотӣ ва иҷтимоӣ рушди тафаккури мустақил, эҷодкорӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва омодагии касбиро таъмин менамояд. Дар ин раванд иҷтимоишавӣ ҳамчун механизми азхудкунии таҷриба ва арзишҳои иҷтимоӣ амал карда, донишҷӯро ба субъекти фаъоли фаъолияти таълимӣ ва иҷтимоӣ табдил медиҳад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки:

– сатҳи дарки донишҷӯ аз моҳият ва муҳтавои касби интихобкардааш омили калидии муносибати ӯ ба таҳсил мебошад: ҳар қадар донишҷӯ дар бораи хусусиятҳо, вазифаҳо ва дурнамои касби худ камтар маълумот дошта бошад, ҳамон қадар ҳавасмандии ӯ ба омӯзиш, иштироки фаъолона дар машғулиятҳо ва худтакмилдиҳӣ поин меравад;

– донишҷӯён ҳамчун гурӯҳи махсуси иҷтимоӣ аз дигар қишрҳои аҳолӣ бо сатҳи баландтари маълумотнокӣ, фарҳанги маънавӣ ва ҳавасмандии маърифатӣ фарқ мекунанд, ки ин онҳоро ба субъекти фаъоли раванди иҷтимоишавӣ ва рушди ҷомеа табдил медиҳад;

– донишҷӯи фаъол қобилияти ташкили мустақилонаи фаъолияти таълимӣ ва ҳамкории педагогиро доро буда, дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои таълимӣ ва касбӣ малакаҳои маърифатӣ, коммуникатсионӣ ва масъулияти иҷтимоии худро инкишоф медиҳад;

– таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ марҳилаи муҳими камолоти иҷтимоӣ ва касбии шахсият маҳсуб шуда, бо ташаккули истиқлолияти нисбии иқтисодӣ, ҷудошавӣ аз муҳити оилавӣ ва воридшавӣ ба низоми нави муносибатҳои иҷтимоӣ ва касбӣ алоқаманд аст;

– давраи донишҷӯйӣ ҳамчун марҳилаи марказии рушди шахсият баромад намуда, дар он манфиатҳои илмӣ, касбӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва эҷодӣ ташаккул ёфта, раванди иҷтимоишавии фаъоли шахс барои фаъолияти ояндаи касбӣ ва шаҳрвандӣ сурат мегирад;

– синни донишҷӯйӣ бо рушди мураккаби зеҳнӣ, инфиродӣ ва тағйирёбанда фарқ мекунад, ки ин зарурати ташкили раванди таълимро дар асоси ҳамзамон фаҳмидан, дарк кардан ва ҳифзи иттилоот дар хотира тақозо менамояд. Маводи таълимӣ бояд дар заминаи пайдарҳамии фаҳмиш, дарк ва мустаҳкамшавӣ дар хотира пешниҳод гардад, махсусан ҳангоми ҳалли масъалаҳои проблемавӣ;

– фаъолияти донишҷӯ ҳамчун субъекти раванди таълим бояд тавассути ҳавасмандкунии дастовардҳои маърифатӣ ва касбӣ дастгирӣ карда шавад, зеро маҳз ҳавасмандии маърифатӣ ва ангезаҳои касбӣ омили асосии рушди шахсият, худидоракунӣ ва омодагии иҷтимоии ӯ мебошанд;

– дар раванди таҳсил донишҷӯ на танҳо донишҳои назариявӣ, балки асосҳои фаъолияти касбиро аз худ менамояд, ки дар он қобилияту малакаҳо ба ҷузъи амалӣ ва устувори касб табдил меёбанд;

– таҳлил нишон дод, ки қисми муайяни донишҷӯён дар малакаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва коммуникатсионӣ норасоӣ доранд: танҳо 18–20% маводи лексия ба таври пурра азхуд ва қайд мешавад, 28,8% дар суханронӣ, 18,6% дар баҳс ва 16,3% дар таҳлили мушкилот мушкилӣ доранд. Ҳамзамон, 37,5% донишҷӯён пайваста барои омӯзиши босифат кӯшиш мекунанд, 53,6% фаъолияти нисбатан устувор нишон медиҳанд ва тақрибан 8% сатҳи пасти ҳавасмандии таълимӣ доранд, ки ин зарурати тақвияти кори педагогӣ ва ҳавасмандгардонии иҷтимоиро асоснок месозад.

**Ҷадвали 3**

***Нишондиҳандаи назарраси фаъолияти донишҷӯ ҳамчун субъекти фаъолияти таълимӣ***

| № | Нишондиҳанда | % |
|---|---|---|
| 1. | Суханвар нест | 28,8 |
| 2. | Дар баҳсҳо иштирок карда наметавонад | 18,6 |
| 3. | Таҳлил карда тавонист | 16,3 |
| 4. | Барои хуб таҳсил кардан кӯшиш мекунад | 37,5 |
| 5. | Барои хуб таҳсил кардан кӯшиши зиёд мекунад | 53,6 |
| 6. | Барои хуб таҳсил кардан кӯшиш намекунад | 8 |

**Диаграммаи 1.**




Таҳлил нишон медиҳад, ки омӯзгор дар раванди иҷтимоишавии донишҷӯ накши калидӣ ва муайянкунанда дошта, барои ташаккули ӯ ҳамчун субъекти фаъоли фаъолияти таълимӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ масъул мебошад. Маҳз тавассути муошırати педагогӣ, интиқоли арзишҳои иҷтимоӣ, дастгирии равонӣ ва ташкили муҳити мусоиди тарбиявӣ омӯзгор ба рушди худшиносӣ, ташаккули ангезаҳои устувор, болоравии ҳавасмандии маърифатӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯён таъсири амиқ мерасонад.

Ҳамзамон собит мегардад, ки гурӯҳҳои ҳамсолон, фазои донишгоҳӣ ва шабакаи муошırати донишҷӯён ҳамчун агентҳои муҳими иҷтимоишавӣ амал намуда, метавонанд ҳам имкониятҳои мусоиди рушди иҷтимоӣ, ҳам худмуайянкунии касбӣ ва ҳам хатарҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла таъсири арзишҳои носолим, конформизм ва пастшавии масъулиятшиносиро ба вуҷуд оранд. Дар ҳамин замина зарурати идора, танзим ва роҳандозии мақсадноки педагогии ин раванд асоснок мегардад, то ки муҳити донишгоҳ ба фазои ташаккули мавқеи иҷтимоӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, фарҳанги муошırати касбӣ ва рушди устувори шахсияти донишҷӯ табдил ёбад.

**Таҳлили нишондиҳандаҳои иҷтимоишавии донишҷӯён**

Бо мақсади арзёбии сатҳи иҷтимоишавии донишҷӯён дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти олӣ пурсиши иҷтимоӣ гузаронида шуд, ки он якчанд гурӯҳи нишондиҳандаҳои мустақилро дар бар мегирифт. Ҳар як нишондиҳанда ҷанбаи муайяни рушди иҷтимоии шахсият (арзишӣ, рафторӣ, иқтисодӣ ва коммуникативӣ)-ро инъикос намуда, ба пурсидашудагон имконият медод, ки ба якчанд савол ҳамзамон ҷавоб диҳанд. Аз ин рӯ, фоизҳои пешниҳодшуда сатҳи паҳншавии ҳар як хусусияти мушаххасро нишон медиҳанд ва ҷамъбасти онҳо ба 100 фоиз баробар буданаш ҳатмӣ нест.

Таҳлили натиҷаҳо нишон медиҳад, ки қисми зиёди донишҷӯён дар марҳилаи фаъолонаи иҷтимоишавӣ қарор доранд. Аз ҷумла, 74% пурсидашудагон худро тарафдори фарҳанги муосири ҷавонон мешуморанд, дар ҳоле ки 30% ҳамзамон арзишҳои иҷтимоии классикӣ ва анъанавиро ҷонибдорӣ менамоянд. Ин ҳолат аз ташаккули низоми омехтаи арзишҳо дар шуури донишҷӯён дарак медиҳад, ки барои ҷомеаҳои дар марҳилаи гузариш қарор дошта хос мебошад.

Аз ҷиҳати иштирок дар ҳаёти иҷтимоии муҳити таълим, танҳо 16% донишҷӯён худро фаъол арзёбӣ намудаанд, дар ҳоле ки 84% сатҳи пасти ҷалбшавӣ ба фаъолияти иҷтимоии донишгоҳиро нишон медиҳанд. Ин далел зарурати такмили механизмҳои ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти дастаҷамъӣ, лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва шаклҳои интерактивии ҳамкориро таъкид менамояд.

Дар баробари ин, 74% пурсидашудагон қайд карданд, ки рафтор ва мавқеи иҷтимоии онҳо дар бисёр ҳолатҳо аз вазъият вобастагӣ дорад, ки аз мавҷудияти сатҳи муайяни вобастагии иҷтимоӣ шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, 16% донишҷӯён аз таҷрибаи худтаъминкунӣ (иштиғол ба фаъолияти меҳнатӣ ва таъмин намудани эҳтиёҷоти шахсӣ) хабар доданд, ки ин нишонаи ташаккули унсурҳои истиқлолияти иқтисодӣ мебошад. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки истиқлолияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар байни донишҷӯён бо суръат ва дараҷаҳои гуногун ташаккул меёбад.

Дар соҳаи арзишҳои иҷтимоӣ муайян гардид, ки 35% донишҷӯён ҷонибдори риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва эҳтироми анъанаҳои иҷтимоӣ мебошанд, дар ҳоле ки 65% ҷомеаро ҳамчун шарти зарурии мавҷудият ва мутобиқшавӣ ба воқеияти иҷтимоӣ арзёбӣ мекунанд, ки аз афзоиши тамоюли прагматикӣ дар муносибат ба ҷомеа дарак медиҳад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои пурсиш собит месозанд, ки раванди иҷтимоишавии донишҷӯён дорои хусусияти гетерогенӣ буда, бо омезиши арзишҳои суннатӣ ва муосир, сатҳи гуногуни иштироки иҷтимоӣ ва дараҷаҳои мухталифи истиқлолияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ тавсиф меёбад.

**Ҷадвали 4**

***Нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоишавии донишҷӯён***

| № | Нишондиҳанда | % |
|---|---|---|
| 1. | Тарафдори фарҳанги муосири ҷавонон | 74 |
| 2. | Тарафдори арзишҳои иҷтимоии классикӣ ва анъанавӣ | 30 |
| 3. | Аз ҷиҳати иҷтимоӣ дар муҳити таҳсил фаъол | 16 |
| 4. | Аз ҷиҳати иҷтимоӣ дар муҳити таҳсил ғайрифаъол | 84 |
| 5. | Дар рафтори иҷтимоӣ аз вазъият вобастагӣ дорад | 74 |
| 6. | Мустақилона худро таъмин мекунад (худтаъминкунӣ) | 16 |
| 7. | Ҷонибдори риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва анъанаҳо | 35 |
| 8. | Ҷомеаро ҳамчун шарти зарурии мавҷудият арзёбӣ мекунад | 65 |

**Диаграммаи 2**

**Нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоишавии донишҷӯён**




**Ҷадвали 5**

***Нишондиҳандаи назари ҷавононе, ки таҳсил намекунанд***

| № | Нишондиҳанда | % |
|---|---|---|
| 1. | Бештар мустақил шуданд | 53 |
| 2. | Таҷрибаи худтаъминкунӣ пайдо мекунанд | 42 |
| 3. | Худро мустақилона таъмин мекунанд, кор кардан шуруъ карданд | 28 |

**Диаграммаи 3**



**Ҷадвали 6**

***Нишондиҳандаи назари донишҷӯён, ки таҳсил мекунанд ва худро мустақил мешуморанд***

| № | Нишондиҳанда | % |
|---|---|---|
| 1. | Бештар боинтизом шудаанд | 53 |
| 2. | Аз одатҳои бад даст кашиданд | 16 |
| 3. | Ба хуб хондан оғоз карданд | 16 |

**Диаграммаи 4**




**Ҷадвали 7**

***Нишондиҳандаи назари донишҷӯён дар раванди таҳсил***

| № | Нишондиҳанда | % |
|---|---|---|
| 1. | Ба вақтхушӣ ва муошират бештар вақт ҷудо карданд | 51 |
| 2. | Таҷрибаи муошират ва муомила бо одамонро пайдо карда | 56 |
| 3. | Таҳаммулпазирӣ нисбат ба нуқтаи назари шахси дигар | 28 |
| | Ҷамъ | 100 |

Ҳамин тариқ, дар шароити таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ донишҷӯён то андозае аз назорати мустақими калонсолон раҳо гардида, имкони бештари мустақилият ва худидоракуниро ба даст меоранд. Аммо на ҳамаи онҳо дар баробари ин озодӣ қобилияти пурраи масъулиятшиносӣ барои рафтор, интихоб ва натиҷаҳои амалҳои худро инкишоф медиҳанд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки озодӣ, агар бо худназоратӣ ва арзишҳои ахлоқӣ ҳамоҳанг нашавад, метавонад ба шаклҳои носолими рафтор оварда расонад.

**Диаграммаи 5**

**Нищондиҳандаи назари донишҷӯён дар раванди таҳсил**




Бешубҳа, раванди иҷтимоишавии донишҷӯён дар муҳити донишгоҳ назар ба берун аз он босуръаттар ва мураттабтар сурат мегирад, зеро он бо таъсири омилҳои таълимӣ, муҳити гурӯҳӣ ва муошırати педагогӣ ҳамоҳанг аст. Бо вуҷуди ин, дар баробари ҷанбаҳои мусбат, ҷиҳатҳои манфии иҷтимоишавии ҷавонон низ вуҷуд доранд, аз ҷумла коҳиши ҳисси масъулият, афзоиши инфиродгароӣ ва майл ба рафтори шитобкорона, ки ин зарурати танзими педагогии ин равандро ба миён меорад.

Ин ҳолатро хулосаҳои В. Г. Маралов низ тасдиқ менамоянд. Ӯ яке аз хусусиятҳои хоси ҷавонони муосирро дар озодфикрӣ ва дӯст доштани озодӣ мебинад, ки махсусан дар ифодаҳои равшан зоҳир мегардад. Ба гуфтаи ӯ, барои бисёре аз донишҷӯён шиори «ман он чизеро, ки мехоҳам, мекунам» хос аст ва ин боис мегардад, ки онҳо аксаран аввал амал мекунанд ва баъд дар бораи паёмадҳои он меандешанд.

Дар ҷараёни инкишофи рефлексивӣ ва зеҳнии шахсият тадриҷан гузариш ба шакли баркамолтари рафтор сурат мегирад, ки дар он шахс пеш аз амал андеша мекунад ва қарорҳои худро бо меъёрҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ мувофиқ месозад. Ин раванд аҳамияти муҳити таълимӣ ва дастгирии педагогиро дар ташаккули шахсияти иҷтимоишудаи донишҷӯён боз ҳам бештар равшан менамояд.

Мулоҳиза (рефлексия) барои донишҷӯ яке аз қобилиятҳои калидӣ ба шумор меравад, зеро он ба дарк, худбаҳодиҳӣ, танзими рафтор ва самаранокии раванди таълим таъсири мустақим мерасонад ва раванди иҷтимоишавии шахсро дар ҷомеа суръат мебахшад. Маҳз тавассути инъикос донишҷӯ метавонад амалҳои худро таҳлил намояд, хатоҳои худро дарк кунад, қарорҳои худро ислоҳ намояд ва рушди шахсии худро ба таври огоҳона идора кунад. Аммо савол ба миён меояд: оё ҳар як донишҷӯ воқеан ҳадафи рушди қобилияти рефлексивиро дар худ мегузорад?

Натиҷаҳои тадқиқот нишон доданд, ки сатҳи инкишофи инъикос дар байни донишҷӯён дар маҷмуъ нокифоя мебошад. Аз ҷумла, тақрибан ду ҳиссаи пурсидашудагон маънои дақиқи истилоҳи «инъикос»-ро

намедонанд, моҳият ва аҳамияти ин мафҳумро дар рушди шахсӣ ва касбии худ пурра дарк намекунанд ва нақши онро дар ташаккули худназоратӣ ва масъулиятшиносӣ кам арзёбӣ мекунанд. Бо вуҷуди ин, тақрибан 80 фоизи онҳо бар он боваранд, ки инкишофи қобилияти инъикос барои пешрафти шахсӣ ва муваффақияти таълимӣ зарур аст.

Ҳамзамон муайян гардид, ки сатҳи воқеии рушди рефлексия дар донишҷӯён паст буда, аксари вазифаҳои дорои хусусияти рефлексивӣ, аз қабили таҳлили рафтори худ ва дигарон, қобилияти анҷом додани корҳои оғозшуда, банақшагирии фаъолият, арзёбии натиҷаҳо ва худидоракунӣ, ба таври кофӣ ташаккул наёфтаанд. Ин ҳолат боис мегардад, ки бисёре аз донишҷӯён дар раванди таълим ба мушкилоти интизом, ташкили вақт ва иҷрои мақсадноки вазифаҳо дучор шаванд.

Ғайр аз ин, маълум гардид, ки тақрибан 60 фоизи донишҷӯён одатҳои носолим доранд, ки ба рушди шахсӣ ва иҷтимоии онҳо таъсири манфӣ мерасонанд: 22 фоиз тамоку мекашанд, 38 фоиз машрубот истеъмол мекунанд ва тақрибан 40 фоизи пурсидашудагон эътироф намудаанд, ки сатҳи танбалӣ ва бетаваҷҷӯҳии онҳо ба фаъолияти омӯзишӣ баланд аст. Ҳамаи ин нишон медиҳад, ки норасоии инъикос ва худназоратӣ метавонад ба шаклгирии рафтори номатлуб ва паст шудани сатҳи иҷтимоишавии донишҷӯён мусоидат намояд.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқот зарурати тақвияти мақсадноки рушди қобилиятҳои рефлексивии донишҷӯёнро дар раванди таълим ва тарбия боз ҳам равшантар менамоянд, зеро маҳз ин сифат заминаи ташаккули худшиносӣ, масъулият, интизом ва мутобиқшавии муваффақи иҷтимоии шахсиятро фароҳам меорад.

**Дар зербоби дуюми боби сеюм «Таҳқиқ ва озмоиши таълимии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ»** ҷараён, марҳилаҳо ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба татбиқи шартҳои педагогии иҷтимоишавӣ дар муҳити воқеии донишгоҳ таҳлил карда мешаванд. Ҷараёни озмоишӣ ба тартиби татбиқи амсилаи таҳияшуда ва методикаи пешниҳодшуда асос ёфта, самаранокии он дар ташаккули иҷтимоишавии донишҷӯён мавриди арзёбӣ қарор мегирад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ нишон доданд, ки истифодаи амсилаи иҷтимоишавӣ ва технологияҳои психологию педагогӣ ба баланд бардоштани сатҳи иҷтимоишавӣ, рушди сифатҳои ахлоқӣ, фаъолнокии маърифатӣ ва масъулияти иҷтимоии донишҷӯён мусоидат мекунад. Фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар раванди иҷтимоишавӣ бо ниёзҳои маънавӣ, мавқеи иҷтимоӣ ва ангезаҳои шахсӣ муайян гардида, ташаккули ҳавасмандии устувор онҳоро ба иштирок дар фаъолиятҳои маърифатӣ ва иҷтимоӣ ҷалб менамояд ва омодагии онҳо ба қабули арзишҳои таълимиро таъмин месозад.

Иҷтимоишавӣ ҳамчун раванди мутақобилаи шахс ва ҷомеа баррасӣ шуда, дар он омилҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ нақши асосӣ мебозанд. Ин раванд дорои хусусияти интихобӣ буда, таъсири муҳити иҷтимоӣ бо хусусиятҳои инфиродии донишҷӯ муттаҳид мегардад. Табдил додани арзишҳои иҷтимоӣ ба ангезаҳои шахсӣ шарти асосии ташаккули фаъолияти иҷтимоӣ ва маърифатии фаъол мебошад.

Талаботи асосии шахсият (хушнудӣ, шинохт, рафтор ва эҷодкорӣ) дар ҷараёни иҷтимоишавӣ ташаккул меёбанд ва бо рушди фаъолияти маърифатӣ амиқтар мегарданд. Аз ин рӯ, барои рушди маърифат ва иҷтимоишавии донишҷӯён зарур аст ҳам шароити объективии муҳити донишгоҳӣ ва ҳам омилҳои субъективии ангеза ва ҳавасмандиро ба назар гирифт.

Маълум гардид, ки аксари донишҷӯён (76%) камбудиашонро дар надоштани малакаҳои иҷтимоишавӣ эътироф мекунанд, вале ин ба маънои набудани ангеза барои рафъи камбудиҳо нест. Таҳлил нишон дод, ки ангезаҳои асосии пешбарандаи дониши иҷтимоӣ инҳоянд: шавқ ба фаъолияти ҷамъиятӣ (58%), хоҳиши азхудкунии дониш (47%), дарки он, ки ҷомеа олами маънавии шахсро бой месозад (42%), ва аҳамияти донишҳои илмӣ барои таҳсил ва фаъолияти оянда (36%). Вазъияти кунунӣ, бо вуҷуди доштани имкониятҳои васеъ, дорои камбудиҳои ҷиддӣ мебошад.

Таҳлилҳои минбаъда нишон доданд, ки барои рушди фаъолияти маърифатӣ ва иҷтимоишавии донишҷӯён зарурати ташкили муҳити созанда ва фарҳангии таълимӣ вуҷуд дорад. Мундариҷаи фанҳо, сатҳи касбии омӯзгорон ва усулҳои фаъолсозии таълим ба ташаккули ҳавасмандии маърифатӣ ва омодагии касбии донишҷӯён таъсири муҳим мерасонанд. Ҳамгироии фанҳои иҷтимоӣ, педагогӣ ва касбӣ, инчунин истифодаи воситаҳои фарҳангӣ ва бадеӣ дар раванди таълим ба рушди ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои иҷтимоии донишҷӯён мусоидат менамояд.

Машғулиятҳои семинарӣ донишҷӯёнро ба таҳлили масъалаҳои иҷтимоӣ ва фаъолияти маърифатии мустақил ҷалб мекунанд, ки ин раванд ба ташаккули ангезаҳои иҷтимоӣ, шавқи омӯзиш ва арзишҳои шахсӣ мусоидат менамояд. Истифодаи усулҳои ҷустуҷӯӣ, муколама бо устодон ва шиносоӣ бо мероси педагогии шахсиятҳои барҷаста рушди тафаккури интиқодӣ ва ҳавасмандии маърифатиро таъмин мекунад. Натиҷаҳои фаъолсозии маърифати донишҷӯён ба рушди ташаббус, эҷодкорӣ ва омодагии касбӣ мусоидат менамоянд.

Барои арзёбии самаранокии омӯзиш, сатҳи иҷтимоишавӣ, шавқу завқ ва ниёзҳои маърифатии донишҷӯён тавассути пурсиш, суҳбат ва усулҳои ташхисӣ муайян карда шуданд. Дар шароити бухронҳои иҷтимоӣ ва арзишӣ, иҷтимоишавӣ ҳамчун омили муҳими устувории маънавии ҷавонон аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Мисолан, дар Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд, ки омилҳои асосие, ки ба самти иҷтимоишавии курсантҳо таъсири манфӣ мерасонанд, инҳоянд: ҷавонӣ ва набудани даромад дар коллектив (30%), ҷудо шудан аз фаъолияти хурд ва беадолатии афсарон (25%), ва сабабҳои дигар (30%). Таҳлил нишон дод, ки сатҳи аҳамияти сифатҳо ва арзишҳои шахсӣ (ватандӯстӣ, коллективизм, виҷдон, меҳнатдӯстӣ, меҳрубонӣ) дар байни курсантҳо дар ҳудуди 54–87% қарор дорад.

Маълумоти таҷрибавӣ тасдиқ менамоянд, ки ташаккули сифатҳои ахлоқӣ ва иҷтимоишавии ҷавонон раванди мураккаб буда, ба сатҳи

донишҳои ахлоқӣ, худшиносӣ ва худтанзимкунии шахсият вобаста аст ва дар шароити муайяни психологию педагогӣ амалӣ мегардад.

Натиҷаҳои мушоҳида, сухбат, пурсиш, тест ва таҳлили кластерӣ нишон доданд, ки:

- 7% курсантҳо сатҳи баланди иҷтимоишавӣ (навъи истеҳсолӣ),
- 55% сатҳи баланд (навъи потенсиалӣ),
- 35% сатҳи миёна,
- 3% сатҳи пасти инкишофи сифатҳои ахлоқӣ ва иҷтимоиро доро мебошанд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳо самаранокии татбиқи амсилаи иҷтимоишавӣ ва таъсири он ба рушди иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва маърифатии донишҷӯёнро исбот мекунанд, ки таҳқиқоти амалӣ ва назариявӣ дар амал мутобиқат доранд.

**Ҷадвали 8**

***Тақсимоти сатҳҳои ташаккули нишондиҳанда***

| № | Нишондиҳанда | % |
|---|---|---|
| 1 | Дараҷаи олӣ | 7 |
| 2 | Дараҷаи баланд | 55 |
| 3 | Дарҷаи миёна | 35 |
| 4 | Дараҷаи паст | 3 |

**Диаграммаи 6**

**Тақсимоти сатҳҳои ташаккули нишондиҳанда**




Таҳлили оморӣ бо истифода аз усули кластерӣ имкон дод, ки чор намуди курсантҳо аз рӯйи сатҳи иҷтимоишавӣ муайян карда шаванд. Ин намудҳо фарқиятҳои назаррасро дар ташаккули арзишҳо, ангезаҳо, худшиносӣ ва рафтори иҷтимоӣ инъикос мекунанд. Татбиқи барномаи махсуси иҷтимоишавӣ бо истифода аз технологияҳои психологию педагогӣ ба баланд гардидани нишондиҳандаҳои иҷтимоишавӣ, таҳкими арзишҳои ахлоқӣ ва баланд шудани сатҳи масъулияти иҷтимоии курсантҳо мусоидат намуд. Натиҷаҳои бадастомада гувоҳӣ медиҳанд, ки самаранокии ин раванд пеш аз ҳама ба сифати муҳити психологию педагогӣ, истифодаи усулҳои

фаъолонаи таълим, ташкили фаъолияти муштарак ва мақсаднокии ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ вобаста аст.

Дар ҷараёни таҳқиқ як қатор зиддиятҳои асосии иҷтимоишавии ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ ошкор карда шуданд, аз ҷумла:

- номувофиқатӣ байни мақсадҳои расмии тарбия ва ниёзҳои воқеии курсантҳо;
- фосилаи байни талаботи санадҳои меъёрӣ ва амалияи воқеии таълим ва тарбия.

Ин зиддиятҳо дар сатҳи ангезаҳо, рафтори иҷтимоӣ ва муносибат ба арзишҳои касбӣ инъикос мешаванд. Таҳлил нишон дод, ки бартарафсозии онҳо танҳо дар сурате имконпазир аст, ки фаъолияти тарбиявӣ ба таври ҳамаҷониба банақшагирӣ шуда, ҳамоҳангии мақсадҳо, вазифаҳо, шаклҳо ва воситаҳои педагогӣ таъмин гардад.

Муайян гардид, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ социализатсияи ҷавонон асосан тавассути:

- ташкили муҳити ахлоқию педагогӣ;
- фаъолияти муштараки таълимӣ ва тарбиявӣ;
- мониторинги мунтазами ҳолати иҷтимоишавӣ;
- такя ба санадҳои меъёрии соҳавӣ

амалӣ мегардад.

Дар ин раванд нақши намунаи шахсии омӯзгорон ва фармондеҳон, фазои ахлоқии муассиса, усулҳои боваркунонӣ, корҳои тарбиявӣ, низоми ҳавасмандкунӣ ва назорат махсусан муҳим аст, зеро маҳз ин воситаҳо ба ташаккули мавқеи иҷтимоӣ, масъулият ва арзишҳои касбии курсантҳо таъсири бевосита мерасонанд.

## ХУЛОСА УМУМӢ

Дар натиҷаҳои умумӣ муайян гардид, ки фарзияи асосии пажӯҳиш пурра асоснок буда, ҷараёни таҳқиқот ва натиҷаҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ онро ҳамаҷониба тасдиқ намуданд. Дар рафти иҷрои кор робитаи мантиқӣ байни ҳадаф, вазифаҳо, усулҳои тадқиқот ва натиҷаҳои бадастомада таъмин гардида, дурустии равиши интихобшуда исбот шуд.

Ҳадафи тадқиқот пурра амалӣ гашта, масъалаҳои калидии назариявӣ дар заминаи таҳлили илмӣ шарҳу тавзеҳ ёфтанд ва механизмҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шуданд.

Вазифаҳои амалӣ, ки ба ташхис, тарҳрезӣ ва санҷиши шартҳои педагогии иҷтимоишавӣ равона шуда буданд, дар ҷараёни таҷриба бо муваффақият иҷро гардида, самаранокии амсила ва методикаи пешниҳодшуда дар баланд бардоштани сатҳи иҷтимоишавии донишҷӯён исбот карда шуд.

Таҳқиқот ба мо имкон дод, ки як қатор хулосаҳои умумӣ барорем:

1. Раванди рушди иҷтимоӣ аз тағир додани сохтори иҷтимоии шахсияти донишҷӯ, пайдоиши шаклҳои устувори равонӣ дар сохтори иҷтимоӣ ва динамикаи иҷтимоии шахсияти донишҷӯ иборат аст. Рушди иҷтимоии ҷавонон бо шароитҳои педагогӣ муайян карда мешавад, ки

тарҳрезии шароитҳоро таъмин мекунанд, ки ба шахсият имкон медиҳанд, ки ба системаи нақшҳои иҷтимоӣ дохил шаванд, ки дорои маънои фарҳангӣ мебошанд. Дар шароити имрӯз, ки муҳити иҷтимоӣ босуръат дигар мешавад, то ҳол модели равшану устуворе вуҷуд надорад, ки тавонад рафтори ҷавонро ба самти ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ ва маънавии мувофиқ бо талаботи ҷомеа ҳидоят кунад. Баръакс, фазои иттилоотии муосир ва шабакаҳои иҷтимоӣ аксаран намунаҳои рафтореро таблиғ мекунанд, ки бо арзишҳои ҷомеа созгор нестанд ва метавонанд ба ангезаҳо, ҷаҳонбинӣ ва меъёрҳои рафтории ҷавонон таъсири номатлуб расонанд [1-М].

2. Омилҳое, ки самараи иҷтимоишавии ҷавонон, донишҷӯён, хусусиятҳои шахсии онҳо (аксиологӣ, ҷанбаҳои амалӣ, ҳавасмандкунӣ ва инъикос), муносибат ба раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ; эҳтёҷи донишомӯз ба худомузӣ ва муносибат ба манбаъҳои берунии маълумот, аз ҷумла маълумоте, ки ба хусусият, шахсият, мутобиқшавии бомуваффақият дар донишкада; муносибати байни таълим ва раванди таълим бо талаботи касби оянда, хусусиятҳои идоракунии раванди иҷтимоишавӣ дар донишкада; нақши муҳити берунӣ, арзёбии муваффақияти иҷтимоӣ (дар асоси натиҷаҳои муаллимон, рафиқон ва ғайра), зарурияти тезондани иҷтимоишавии аҳолӣ ва пеш аз хама пештар, иҷтимоишавии ҷавонон дар шароити бозоргонӣ таъсири манфӣ мерасонанд, муайян карда шудаанд [2-М].

3. Маҷмуи принсипҳои ташкили таълим, ки дар ҷараёни таълимӣ иҷтимоишавии бомуваффақияти ҷавонон, аз ҷумла, тамоили иҷтимоӣ, фардӣ, коммуникативӣ, субъективӣ, пешгӯӣ, систематикиро муайян мекунад, пешниҳод гардид [3-М, 4-М].

4. Роҳҳои иҷтимоишавии ҷавонон, таъмини мутобиқсозии муваффақ ва ба шахсият нигаронидашуда, инкишофи маънавии шахс, инкишофи тафаккури эҷодӣ, баланд шудани фаъолияти ҷамъиятӣ санҷида ва пешниҳод шуданд. Механизмҳои иҷтимоишавии ҷавонон хангоми иҷрои вазифаҳо ва самтҳо муайян карда шудаанд [4-М].

5. Шароити ташкилию педагогие, ки муваффақияти ҷараёни иҷтимоишавии бомуваффақияти ҷавонон, амсиласозии раванди иҷтимоишавӣ; кам кардани изтироб, мувофиқат ва пайдарҳамии ҳама таъсироти тарбиявӣ ба иҷтимоигардонӣ, ки ба идоракунии иҷтимоии мусбат нигаронида шудааст; ташаккули тафаккури интиқодиро таъмин мекунанд [5-М].

6. Меъёрҳо (муваффақияти раванди мутобиқшавӣ, хусусияти ба шахсият нигаронидашудаи омӯзиш, ташаккули маънавёт, тафаккури эҷодӣ ва фаъолияти ҷамъиятии шахс) ва нишондиҳандаҳои самарабахшии иҷтимоишавии бомуваффақияти ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия шудаанд [4-М, 5-М].

7. Талабот ба муаллимоне, ки кори мақсаднок оид ба иҷтимоигардонии донишҷӯён дар раванди таълим, ки ба шахсият ва фардикунонӣ нигаронида шудааст, омӯзиш, қобилияти истифодаи иттилоот, технологияҳо барои фаъолияти инноватсионӣ, дониши педагогӣ-

психологӣ, ҳавасмандӣ ба фаъолияти навоварона, такмил додани тайёрии касбию педагогӣ иҷро мекунанд [6-М].

8. Таҳлили манбаъҳои назариявӣ ва асарҳои муҳаққиқони соҳа нишон медиҳад, ки дар илми муосир мафҳуми «иҷтимоишавии ҷавонон» асосан дар ду равия шарҳ дода мешавад. Равияи аввал онро ҷараёни тадриҷии ташаккули иҷтимоии шахсият медонад, ки дар ин ҷараён фард арзишҳо, меъёрҳо ва таҷрибаи иҷтимоиро аз муҳит меомӯзад. Равияи дуюм бошад, иҷтимоишавиро на ҳамчун раванди ташаккул, балки ҳамчун натиҷа — сатҳи мутобиқшавии шахс ба муҳити иҷтимоӣ ва қобилияти иҷрои нақшҳои иҷтимоӣ — арзёбӣ мекунад.

Бо вуҷуди ин ду тасниф, мавқеи олимон дар бораи моҳияти аслӣ то ҳол ягона нест. Як гурӯҳ муҳаққиқон ба ҷанбаҳои амалӣ ва фаъолиятӣ такя карда, иҷтимоишавиро асосан қобилияти ҳамгироӣ ва иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ мешуморанд. Гурӯҳи дигар бештар ба таҳаввулоти ботинии шахс — ташаккули шуур, арзишҳо, эътиқод ва ҷаҳонбинии иҷтимоӣ — диққат медиҳанд.

Ин ихтилофи назарҳо пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки кадом ҷанба — омӯзиши арзишҳо, таҷриба ё мутобиқшавӣ — ҷои марказиро ишғол мекунад. Дар доираи ин таҳқиқот, мо иҷтимоишавиро ҳамчун хусусияти маҷмӯии шахсият мефаҳмонем, ки қобилияти фардро барои ҳамгироӣ, муносибат ва фаъолияти босамар дар муҳити иҷтимоӣ таъмин менамояд [6-М, 7-М].

9. Баррасии равишҳои илмӣ ба мафҳуми иҷтимоишавии ҷавонон имкон дод, ки ба хулосае ояд, ки фаҳмиши ин падида фарқ мекунад. Дар доираи яке аз онҳо ин мафҳум бо яке аз навъҳои салоҳияти касбӣ тавсиф шуда, ташаккули нави шахсият-фаъолиятро ифода мекунад ва аз нуқтаи назари дигар, салоҳияти касбӣ ба мафҳуми салоҳияти иҷтимоӣ дохил мешавад, объекти таълими касбии аз ҷиҳати иҷтимоӣ нигаронидашуда мебошад. Аз он бармеояд, ки салоҳияти иҷтимоии мутахассиси оянда маҷмӯи сифатҳо, қобилиятҳо, донишҳо ва малакаҳои мушаххаси шахсият мебошад, ки ҳамгироии шахсро ба ҷомеа тавассути иҷрои самараноки нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ, ки дар он чузъи мазмун-фаъолият бо омезиши мутаносиби дониш, малака ва малакаҳои иҷтимоӣ ифода ёфта, чузъи шахсӣ мавқеи ташаккулёфтаи шахс, дарки ӯ аз зарурати азхуд кардани донишҳои иҷтимоӣ барои ҳаёти мустақилонаи оянда мебошад [7-М].

10. Сохтори иҷтимоишавии ҷавонон ва ташаккули салоҳияти иҷтимоии онҳо танҳо дар сурате пурра фаҳмида мешавад, ки бо нақшҳои асосии иҷтимоии шахсият — ҳамчун шаҳрванд, узви оила ва мутахассиси фаъол — робита дода шавад. Иҷрои ин нақшҳо сатҳи масъулият, мутобиқшавӣ ва фарҳанги иҷтимоии фардро инъикос мекунанд. Дар таҳқиқоти мазкур ин сохтор аз чанд ҷузъи муҳим иборат аст.

1. Омодагӣ ба фаъолияти касбӣ

Ин ҷанба нишон медиҳад, ки ҷавон то кадом андоза барои ворид шудан ба бозори меҳнат ва иҷрои масъулиятҳои касбӣ омода аст. Ба он дохил мешаванд:

- донистани қоидаҳои одоби меҳнатӣ, фарҳанги ташкилӣ ва талаботи касбӣ;

- шиносой бо роҳҳои рушди касб, банақшагирии мансаб ва принсипҳои худидоракунӣ;

- дарки қонунгузории меҳнат ва ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон;

- қобилияти масъулиятшиносӣ, ташаббус ва мустақилияти амал;

- муносибати хирадмандона ба меҳнат ва рушди касбӣ.

2. Омодагӣ ба ташкили ҳаёти оилавӣ

Ин самт яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои салоҳияти иҷтимоии ҷавонон мебошад, зеро арзишҳо, одоб ва рафтори инсонӣ маҳз дар муҳити оилавӣ зуҳур мекунанд. Донишҷӯён бояд:

- хусусиятҳои психологӣ ва ахлоқии муносибатҳои оилавиро дарк кунанд;

- бо усулҳои тарбияи кӯдак ва маданияти волидӣ ошно бошанд;

- малакаҳои муошират, ҳамкорӣ ва ҳаллу фасли мусбати низоъҳоро инкишоф диҳанд;

- донишҳои ҳуқуқӣ дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зану шавҳар, падару модар ва фарзандонро азхуд намоянд;

- дар муносибатҳои хонаводагӣ ҳамдардӣ, эҳтиром ва масъулияти иҷтимоӣ нишон диҳанд.

3. Омодагӣ ба иҷрои вазифаҳои шаҳрвандӣ

Ин ҷанбаи иҷтимоишавӣ ба ташаккули ҷаҳонибинии иҷтимоӣ, ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ асос ёфтааст. Он чунин маърӯзаро дар бар мегирад:

- донистани сохтор ва вазифаи ниҳодҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;

- дарки принсипҳои худидоракунии ҷамъиятӣ ва волоияти қонун;

- фаҳмиши моҳияти ҳамкорӣ бо ҷомеа ва давлат;

- омодагӣ ба иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ;

- риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва қоидаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ [8-М].

11. Салоҳияти иҷтимоӣ дар доираи иҷтимоикунонии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, ки дар ҷараёни фаъолият, аз ҷумла дар фаъолияти таълимӣ сурат мегирад, пайдо ва ташаккул меёбад. Иҷтимоишавии ҷавонон хусусияти сифатии ҷомеасозӣ буда, дар навбати худ, ҳамчун кафили самаранокии шахсии донишҷӯ дар азхудкунии нақшҳои асосии иҷтимоӣ баромад мекунад [8-М, 9-М].

12. Вазифаҳои ҷавонон дар раванди иҷтимоишавӣ инҳоанд: татбиқ (дар татбиқи дониш ва малакаҳои иҷтимоӣ дар ҳаёти амалӣ иборатанд); мутобиқшавӣ (имкон медиҳад, ки ба одамон ниёзҳо, имкониятҳо, қобилиятҳои худро амалӣ созанд, бо дигар аъзои ҷомеа, микрогурӯҳҳои иҷтимоӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо ва умуман, ҷомеа муошират кунанд); интегративӣ (ба ҷомеа, гурӯҳи иҷтимоӣ, ҷомеа ва ғ. қабул шудан имкон медиҳад); ҷиҳатгирӣ (ба шумо имкон медиҳад, ки ин ё он самтро дар фаъолияти худ, ҳам иҷтимоӣ ва ҳам касбӣ интихоб кунед); мавқеъ (дар шахсе, ки мақоми муайяни иҷтимоӣ мегирад, ки ба донишу малакаи ӯ мувофиқ аст, ки ба шахс имкон медиҳад, ки дар ҷамъият мавқеи муносибро ишғол намояд) ва нақш (аз шахсоне иборат аст, ки нақшҳои иҷтимоиро

азхуд мекунанд ва меъёрҳои иҷтимоию фарҳангиро азхуд мекунанд) [5-М, 7-М].

13. Дар иҷтимоишавии ҷавонон мо ҷузъҳои ба ҳам алоқамандро муайян кардем: мундариҷа (донишҳои иҷтимоӣ), фаврӣ (оперативӣ) (малакаҳои иҷтимоӣ), коммуникативӣ (дорои воситаҳои муошират, қобилияти паймоиш кардани вазъияти муошират, донистани қоидаҳои муошират, барқарор кардани робитаҳо ва ғ.) ва ҳавасмандӣ-арзиш (мавқеи шахс, огоҳии ӯ дар бораи зарурати гирифтани донишҳои иҷтимоӣ барои фаъолияти минбаъдаи мустақили ҳаёт, мавҷудияти муносибати арзишманди шахс, нақшаҳои зиндагии ӯ, ки ба ташаккули таркиби шахсии муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд) [4-М, 5-М, 6-М].

14. Дар ҷустуҷӯйи имкониятҳои такмили минбаъдаи раванди ташаккули иҷтимоишавӣ мо мазмуни таълимро, ки аз цикли фанҳои гуманитарӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ва фаъолияти муассисаҳои таълимӣ шудааст, таҳлил намудем.

Таҳлили кори муассисаи таҳсилоти олӣ оид ба масъалаи иҷтимоишавии ҷаонон, инчунин натиҷаҳои таҳлили ҷараёни таълим дар марҳилаи корҳои таҷрибавӣ нишон дод, ки ба кори мунтазами ташаккули иҷтимоишавии ҷавонон эътибори кофӣ дода намешавад.

Дар ҷараёни дарсҳои амалии фанҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ одатан ҳадафи равшани ташаккули салоҳияти иҷтимоии донишҷӯён пешбинӣ намешавад. Мазмуни таълим бештар ба додани маълумоти умумӣ ва назариявӣ то ба имрӯз маҳдуд монда, на ҳамеша ба ниёзҳои воқеии иҷтимоӣ, касбӣ ва шахсиятии донишҷӯ ҷавобгӯ аст.

Дар натиҷа, баъзе ҷанбаҳои муҳими рушд — аз қабили банақшагирии фаъолияти касбӣ, дарки масъалаҳои иҷтимоӣ, ташаккули ҷаҳонбинии устувор ва омодагӣ ба иҷрои нақшҳои муҳим дар ҷомеа (нақши шаҳрванд, оиладор, мутахассиси масъул) — камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор мегиранд.

Таҳлил нишон дод, ки агар дар муҳити таълимӣ шароити мувофиқ, барномарезии ҳадафнок ва фаъолиятҳои амалӣ ба роҳ монда шаванд, раванди иҷтимоишавии донишҷӯён метавонад ба таври назаррас тақвият ёбад. Ин раванд на танҳо дониш ва малакаҳои иҷтимоиро рушд медиҳад, балки ба ташаккули шахсияти донишҷӯ ҳамчун нафаре масъулиятшинос, фаъол ва омода ба фаъолияти мустақилона мусоидат мекунад [3-М, 5-М, 7-М].

15. Бо мақсади муайян намудани самтҳои асосии кори тарбиявии донишгоҳ оид ба ташаккули иҷтимоишавии мутахассисони оянда имкониятҳо ва нуқсонҳои асосии ин равандро муайян намудем.

Дар натиҷаи таҳлил чунин хулоса ба даст омад, ки фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ дорои як қатор бартариҳои объективӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии донишҷӯён мебошад. Хусусиятҳои асосии ин бартариҳо иборат аз инҳоянд:

- донишҷӯён ба таври васеъ зарурати дониш, малака ва рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро барои фаъолиятиояндаи худ дарк мекунанд;

- субъектҳои раванди таълим, ки дар донишгоҳ фаъолият менамоянд, дар ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии донишҷӯён, аз ҷумла ташаккули арзишҳо ва ниёзҳои ахлоқӣ, маънавӣ ва фарҳангии донишҷӯён, меъёрҳои

ахлоқӣ ва қоидаҳои рафтори аз ҷониби умум қабулгардида саҳм мегузоранд; кумаки машваратӣ, иттилоотӣ ва ҳуқуқӣ барои донишҷӯён мерасонанд; оид ба такмили сиёсати давлатии шуғли донишҷӯён пешниҳодҳо омода мекунанд, дар ташаккули ҷузъи коммуникативӣ ва ҳавасмандӣ-арзишии иҷтимоишавии ҷавонон ширкат меварзанд.

Камбудиҳои ҷойдошта дар бобати ташаккули иҷтимоишавии ҷавонон аз инҳо иборатанд:

- на дар ҳамаи факултетҳо фанҳое ҷорӣ карда шудаанд, ки донишу малакаҳои гаронбаҳоеро ташкил медиҳанд, то барои донишҷӯён пас аз хатми донишкада ҷиҳати иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ заруранд;
- фанҳои блоки умумигуманитарӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ ба ташаккули малакаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ дорои аҳамияти нокифоя диққат медиҳанд;
- қисматҳои алоҳидаи фаъолияти донишҷӯён ба ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, вале дар онҳо маълумоти кофӣ барои иҷтимоишавии пурраи донишҷӯён дода нашудаанд;
- донишҷӯён барои муоширaт бо субъектҳои бозори меҳнат омодагии суст доранд ва барои иҷрои нақши падар ва модар дониши кофӣ надоранд [6-М, 7-М, 8-М].

16. Бо дарназардошти вазъ ва ниёзҳои ҷомеаи муосир, мо бар онем, ки барои такмили раванди иҷтимоишавии ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ зарурати бознигарии афзалиятҳои кори таълимӣ ва тарбиявӣ ба миён меояд. Дар ин замина пешниҳод мегардад:

- ташкили раванди таълим бо такя ба мазмуни нав, аз ҷумла бозбинӣ ва таҳлили фанҳои сикли илмҳои ҷомеашиносӣ бо ҳадафи муайянсозии мавзуҳо ва фаслҳое, ки барои иҷтимоишавии донишҷӯён аҳамияти калидӣ доранд;
- гурӯҳбандии мавзуҳои интихобшуда ва ташкили асоси фанни нави таълимӣ, ки мо онро шартан «Салоҳиятҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоишавии ҷавонон» меномем.
- ташкили маҳфилҳо оид ба проблемаҳои оилаҳои ҷавон, банақшагирии касбӣ ва ғайра муаррифӣ шудааст, ки фаъолияти онҳо бояд ғайр аз ташаккули дониш, малака ва маҳорати иҷтимоиро дар бар гирад.
- расондани ёрии иҷтимоию иқтисодӣ, юридикӣ ва ёрии психологию педагогӣ [5-М, 8-М, 9-М].

17. Ташаккули салоҳияти иҷтимоии ҷавонон дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти олӣ танҳо дар он сурате самаранок мешавад, ки раванди таълим ва тарбия бар асоси чанд шарти калидӣ ташкил дода шавад. Чунин шартҳо фарогир буда, ба ҳамоҳангии мазмун, усул ва муҳити таълимӣ такя мекунанд.

1. Иҷрои принсипҳои муттасилӣ ва пайгирӣ.

Муҳим аст, ки фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ аз лиҳози мазмун ва ҳадафҳо бо ҳам пайванди мантиқӣ дошта бошанд. Ҳамин ҳамбастагӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯ ҷаҳонбинии иҷтимоӣ ва арзишҳои шаҳрвандиро пайваста ва дар шакли ягона дарк намояд.

2. Истифодаи усулҳои фаъоли таълим.

Равишҳои таълимӣ бояд ба ҳалли масъалаҳои воқеии иҷтимоӣ ва касбӣ нигаронда шаванд. Ин усулҳо на танҳо дониш медиҳанд, балки малакаҳои банақшагирӣ, қабули қарор ва масъулияти шахсиро низ рушд медиҳанд. Синф бояд ба майдони таҷриба ва амал табдил ёбад.

3. Пешбурди фаъолиятҳои амалия-нигаронидашуда.

Корҳои мустақилона ва амалӣ — семинарҳо, таҳлилҳои ҳолат, машғулиятҳои лоиҳавӣ — нақши муҳим доранд. Онҳо малакаҳои муошират, ташаббускорӣ, масъулият ва ҳамкориро тақвият медиҳанд ва донишҷӯро ба зиндагии воқеӣ омода месозанд.

4. Татбиқи технологияи омӯзиши лоиҳавӣ ва проблемавӣ.

Омӯзиш бояд донишҷӯро ба ҷустуҷӯ, таҳқиқот ва эҷод ҷалб кунад. Ин равиш тафаккури мустақил, маданияти муколама ва қобилияти иҷрои нақшҳои гуногуни иҷтимоиро рушд медиҳад. Донишҷӯ дар раванди таҳқиқ на танҳо маълумот меомӯзад, балки онро дар амал меозмояд.

5. Таҳқиқи манфиатҳо ва эҳтиёҷоти иҷтимоии ҷавонон.

